*Ahmad Donish the light and talented figure. He was a doctor, poet, musician, painter, astronomer, scientist and calligrapher. His activities put a deeper mark in the field of literature and history.*

*In position dark medieval Bukhara, when was strengthen feudal society, which tried to save the patriarchal feudal in social life and pretend to something for progress, Ahmad Donish bravely went with new*

*political thoughts, broken the old traditional historiography and put the main new progressive direction in social opinion of his epoch.*

*Ahmad Donish was a historian, actively involved in political life his epoch. In his novel «Short history of manghit Emirs of Bukhara», talk about the history of Emirs of Bukhara.*

Нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва хосса мардуми тоҷик аз давраҳои басо пурнизоъ, пурихтилоф ва нисбатан нооором буда, ҷангҳои дохилии хонигариҳо, авзои сиёсӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, илмӣ-адабии минтақаро печидаю нобасомон гардонида буд. Ҳолоти фавқуззикр дар осори таърихӣ-илмӣ, адабӣ-пажӯҳишӣ ва ҳатто дар асарҳои адабӣ-ҳунарии манзуму мансур ва намоишномаҳо басо амиқу дақиқ, пурвусъату серпаҳно ва бо назардошти ҷузъият матраҳу баррасӣ шудааст, ки хеле хуб аст. Мушаххасан масоили фавқуззикр дар асарҳои С. Айнӣ, Б.Ғ. Ғафуров, С. Улуғзода, З.Ш. Раҷабов, Р.Ҳ. Ҳодизода, А.М. Мирзоев, Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, Т. Неъматзода, С. Амирқулов, У. Каримов, Н. Сайфиев, А. Девонақулов, С. Саъдиев ва дигарон хеле хуб матраҳ шудааст, ки метавон гуфт барои таҳқиқу таҳлили авзои замон, ҳолоти иқтисодиёту ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ ва адабии давр басо пурманобеъу арзишманд аст. Аз тарафи дигар, хосса барои таҳқиқу таҳлили рӯзгори миллат дар интиҳои асри X1X ва ибтидои асри XX аз давраҳои боз ҳам ҳассостарини таърихи миллати тоҷик аст, ки метавон онро сарнавиштсоз ном гирифт [1-3; 8-15; 17-19].

Дар ин давра эҷодиёти баъзе аз симоҳои адабӣ моҳияти сирф бунёдӣ ва бақобахш барои ворисони он осор дорад, ки дар ташаккули минбаъдаи рӯзгори миллат нақши тақдирсоз ба ҷо овардаанд. Чунин рисолати таърихиро дар интиҳои асри X1X Аҳмади Дониш ва дар оғози асри XX Садриддин Айнӣ ба ҷо овардаанд.

Нимаи дуюми асри X1X бо манзури авзои сиёсӣ-таърихӣ марҳалаи нав дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна маҳсуб мешавад, заминаҳои ин таҳаввулоти сиёсӣ-таърихӣ ҳанӯз аз ибтидои асри ХУ11 маншаъ мегирад. Бояд таъкид намуд, ки ҳанӯз соли 1747 нахустамири манғитиҳо – Раҳимхон охирин намояндаи Аштархониҳо – Абулфайзхонро дар мадрасаи Мири Араб ба қатл расонида, бо ҳамин ба ҳукмронии сулолаи Аштархонӣ хотима мебахшад.

Раҳимхон соли 1758 вафот мекунад ва ҷойгузини ӯ амакаш Амир Дониёл (1758-1785) шудааст. Баъд аз даргузашти Дониёл (1785) писараш Амир Шоҳмурод (1785-1800) ва баъд аз ӯ писараш Амир Ҳайдар (1800-1826) ба тахт соҳиб мешавад. Баъд аз вафоти Ҳайдар писари ӯ Насруллоҳ (1826-1860) ва пас аз кушта шудани Насруллоҳ писари ягонааш амир Музаффар (1860-1885), сипас фарзанди ӯ Амир Абдуаҳад (1885-1910) ва охирин намояндаи сулолаи Манғитиҳо Амир Сайидолимхон (1910 то 2-юми сентябри соли 1920) ҳукмронӣ карданд.

Нависандаи забардаст, шоир ва мутафаккири тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш ибни Мулло Мирносири Бухороӣ дар замони се тан аз ҳукамои фавқуззикр Насруллоҳ, Музаффар ва Абдулаҳад рӯзгор ба сар бурдааст. Аҳмади Дониш бо ёрии устодаш, ки муҳандиси дарбор буд, ба дарбор кашида мешавад ва соли 1855, баъд аз даргузашти устодаш, бо фармони Амир Насруллоҳ Аҳмади Дониш сармуҳандис таъйин карда мешавад.

Аз нигоҳи сиёсӣ авзои Осиёи Миёна дар он рӯзгорон нисбатан вазнин ва басо ҳассос буд, зеро ду давлати абарқудрат Россия ва Англия ба Осиёи Миёна дастдарозӣ мекарданд. Ҳатто мавриди ҳамлаи Россия ба Осиёи Миёна, ки дар замони ҳукмронии Амир Музаффар иттифоқ афтода буд, ин амири кӯтоҳназар ҳатто амр медиҳад, ки: «Душманро биронед то худи Фитирбурх ва дар идомаи он супориш медиҳад, ки аввал бонкҳо, алоқа, дарвозаҳои шаҳрҳоро ишғол кунед…» [15, 360]. Маълум аст, ки нимаи дуюми асри XIX барои халқҳои Осиёи Миёна басо вазнин буд, зеро соли 1864 миёни хонигариҳои Хӯқанду Бухоро ҷанг ба амал омада, ҳолатро боз ҳам вазнинтар мекард. Дар ҳамин асно соли 1865 Россия Тошкандро забт кард ва дар андак муддат – миёни солҳои 1865-68 нуфузи ҳарбии Россия дар ин қаламрав чандин маротиба афзуд. Россияи подшоҳӣ Хӯқанд, Ҷиззах, Ӯротеппа, Самарқанд, Фарғонаро тасарруф карда буд. Беш аз ин, хонигариҳои Бухоро ва Хева амалан истиқлолияти сиёсӣ надоштанд ва тобеи Россия буданд. Россия дар шаҳри Тошканд генерал-губернатории Туркистонро созмон дода буд, ки ин ташкилоти сиёсӣ-ҳарбӣ комилан алорағми ворастагии сиёсии кишвар буд.

Соли 1857 шоҳи Россия Николаи 1 вафот кард ва Александри 1 ҷойгузини ӯ шуд ва ба ин муносибат ҳайати сафорат аз Бухоро бо сардории Муллоҷон Мирохӯр, бо супориши Амир Насруллоҳ ба Россия фиристода шуд, ки дар он ҳайат Аҳмади Дониш чун мушовир ширкат дошт. Вазифаи сафорат баёни таъзия ва табрики императори нав буд. Аз сабаби он ки ҳайати сафорат бисёр хатогии сиёсӣ карданд, қисми дуюми супориши амир баргардонидани мамлакатҳо- шаҳрҳои тасарруфшударо Россия иҷро накард.

Баъд аз тағйироти сиёсӣ дар Бухоро ва ба тахт нишасмтани Амир Музаффар, омодагӣ ба ҳайати тозаи сафорат ба Россия пеш омад ва Амир музаффар дар ин навбат Аҳмади Донишро

котиби сафорати мазкур таъйин карда буд. Сафари ҳайати сафорати мазкур соли 1869 иттифоқ афтодааст. Аҳмади Дониш сабаби шахсони нолоиқро, ки дар ҳайати сафорат роҳ ёфтаанд, дар он мебинад, ки асрори давлат гӯё ҳифз мешуда боша два ин падидаро амир гӯё дидаву дониста амалӣ мекардааст. Чунончи: «Салотини Бухоро дар боби суфаро одамони камтаомул ва бедонишро ихтиёр мекунад, ба эътиқоди он ки асрори давлати мо фош нашавад. Яъне, элчӣ бояд, ки агар суоле кунанд, қодир ба ҷавоб набошад» [5, 57].

Маҳз ҳамин кӯтоҳназариҳои Амир Музаффар буд, ки Россия ба Бухоро ҷанг эълон кард. Ин дафъа ҳам ҳукумати Бухоро шикаст хӯрд ва ба шартномаи сулҳ имзо кард ва бадтар аз ҳама он аст, ки Бухоро товони ҷанг дод. Марҳалаи сеюми инқилоби фикрии Аҳмади Дониш охирҳои соли 1973 иттифоқ афтод, зеро дар ин сол Амир Музаффар ҳайати нави сафоратро омода сохта, мефиристад, ки сафорати мазкур тӯли се моҳ давом намуда, хусусан таваҷҷуҳи Александри II ба Аҳмади Дониш бештар ба мушоҳида мерасад. Аҳмади Дониш хотироти хешро дар ин бора дар асари дигари хеш «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» хеле хуб баён намудааст. Асари мазкур баъдтар ба таркиби «Наводир-ул-вақоеъ» ворид карда шудааст. Аллома дар рисолаи мазкур низ чанд пешниҳодоти судманд ба Амир Музаффар оид ба усули мамлакатдорӣ карда бошад ҳам, он пешниҳодот аз ҷониби Амир Музаффар пазируфта нашудааст.

Ҳадаф аз тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ, ин пеш аз ҳама, вусъати бозори ашёи хом барои Россия буд. Аз тарафи дигар, Осиёи Миёна барои Россия – қувваи кори муфт ва инчунин манбаи ашёи хом буд [15, 245].

Тасарруфи Осиёи Миёна аз ҷониби Россия, пеш аз ҳама, завлонаи ғуломдориро гусаст. Осиёи Миёна бо Аврупо қаробат пайдо кард ва то андозае корхонаҳои саноатӣ дар ин қаламрав сохта шуданд. Тасарруфи Осиёи Миёна ҷангҳои дохилии хонигариро аз байн бурд.

Дар қаламрави Осиёи Миёна таълими улуми дақиқ махсусан эҳё шуд, ки ҳанӯз аз ибтидои асри XII маҳдуд карда шуда буд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии фавқ, тарафҳои манфии тасарруф низ вуҷуд дошт, ки мардум дуҷори зулми дутарафа гардида, ҳам аз дохил ва ҳам аз аҷнабиён ҷафо медиданд.

То андозае ду фарҳанг бархурд мекард ва яке фарҳанги русӣ ё аврупоӣ ва дигаре фарҳанги исломии форсии тоҷикӣ.Махсусан, адабиёт нисбатан рушд кард, зеро қисмати назарияи он то андозае таъсирпазирӣ дошт. Вале ин ҳама дар қиёс бо масоили меҳварии ҳаёти мамлакатдорию давлатдорӣ андак аст. Муҳимтарин гардиш ва ё таҳаввулоти сиёсие, ки дар ҳаёти мардуми тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна ба вуҷуд омада буд, ин он буд, ки мардумони ин қаламрав мустамликаи Россияи подшоҳӣ шуданд ва соҳибихтиёриро аз даст доданд. Дар маҷмӯъ, ҳукумати Манғитиҳо, ки 170 сол давом дошт, қариб ки ҷанбаи мусбат надорад, зеро ба ҷуз манфиати фардӣ барои беҳбудии давлат ва мардумони қаламрав коре карда натавонистанд [12, 198-199].

Оид ба низоми давлатдории хонигарии Манғития дар сарчашмаҳои таърихӣ ва чи дар тадқиқоти муаррихон баҳсҳои судманд рафтааст. Дар хусуси омодагии ҳарбии хонҳои манғит профессор Х.М. Мирзозода менависад, ки: «Ҳукумати пӯсида, қӯшуни бенизоми аз ҷиҳати техникаи ҳарбӣ кӯҳнаи Бухоро, ки дар вай хизмати аксарӣ ҳамчун ҷазо гузошта шуда буд, ба муқобили қӯшуни нисбатан нағз мусаллаҳшудаи подшоҳӣ истодагарӣ карда наметавонист» [12, 119].

Аз сарчашмаҳо бошад оид ба низоми давлатдории манғитиҳо беҳтарин маълумотро Аҳмади Дониш, махсусан дар асари «Таърихи амирони Манғития», ки таърихи хос аст, зеро танҳо ба зуҳуру корномаи Манғитиҳо ихтисос дода шудааст, додааст. Ин аз ду ҷиҳат арзишмандтарин аст: аввал ин ки, таърихи хоси сулола аст, сониян, Аҳмади Дониш аз дохил ин сулоларо омӯхта буд ва ягон ҷиҳати мусбати фаъолияти онҳоро таъкид накардааст.

Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш асосан дар се асари худ оид ба усули мамлакатдории Манғитиҳо баҳсҳои ҷиддӣ сомон додааст. Махсусан, дар «Наводир-ул-вақоеъ», ки асари ёддоштӣ аст ва инчунин, дар асари дигари хеш «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» низ оид ба назарияи сиёсии мамлакатдорӣ баҳсҳои сирф илмӣ кардааст.

Академик Б. Ғафуров оид ба ҳолати рӯзгори пешомадаи мардумони Осиёи Миёна тавaққуф карда, хеле мушоҳидакорона менависад, ки: «Меҳнаткашони тоҷик, ӯзбек ва ғайра, ки пештар аз тарафи феодалони маҳаллӣ ва рӯҳониёни замондори реаксионӣ истисмор мегардиданд, акнун ба фишори дутарафа дучор гардида буданд. Ба гурӯҳҳои меҳнатии аҳолӣ таҳқиромезона рафтор кардани табақаи реаксионии амалдорони ҳукумати подшоҳӣ, пора ва ришвахӯрии онҳо беш аз пеш дар байни аҳолӣ норозигӣ ба вуҷуд меовард» [9, 366].

Тобеъ шудан ба Россияи подшоҳӣ беҳбудии аҳвол набуд. Ин аз ноуҳдабароӣ ва ҷаҳолати амирони Манғития маншаъ мегирифт, зеро истиқлолияти сиёсӣ аз дасти давлати Бухоро рафта буд. Ба ин маънӣ, Аҳмади Дониш менависад, ки: «… Филҷумла, ғалабаи Россия дар Самарқанд ва тавобеи он дар моҳи муҳаррами санаи 1285 (баробар ба майи соли 1868 мелодӣ) воқеъ шуда, обу

таоми мардуми Бухороро заҳролуд гардонид ва рисолат ба баҳонае омада маҳалли харочот ва исрофоти бемавқеъ мегаштанд ва амир аз тарси ин ки мабодо онҳо биранҷанд ва мухили ишрату фароғати ӯ шаванд, яке бар сад ҷизияи мусулмониро ба зулму заҷр ҷамъ карда, ба эшон медод ва худро ба дӯстӣ ва итоат менамуд. Чун тансиқи умимулкии ин диёр ба раъй ва зулми мулки инҷост ва мардуми Русия кор ба андозаи низом кунанд ва муомилоти мо бо халқ аксар мухолифи эҳтисоб менамуданд, ки: «Ту ин кор кардӣ, мухолифи дӯстӣ аст ва ин ҳукм ба хилофи услуби итоат, магар доияи инҳироф ва ихтилофдорӣ». Профессор Х.М. Мирзозода дар такя ба қазовати навбатии Аҳмади Дониш, ки оқибати давлатдории Манғитияро тахмин карда буд, иқтибос оварда менависад: «Заминаи ҳукмронии амирони Манғитро мушоҳида ва таҳмил кардагӣ Аҳмади Дониш дар китоби «Таърихи амирони Манғития»-и худ ба таъбири хоби яке аз аъзоёни ҳайати сафоратхонаи Бухоро дар Петербург, ҷавоб дода, чунин гуфт абуд: «Ҳоли ин давлати Манғития дар оянда чӣ шавад. Рехтани моҳу ситора чист: осмон бар сари инҳо фуруд ояд» [12, 204].

Ана дар чунин ҳолат боз ҳамоно каломи ҳунарӣ-адабиёти бадеӣ аст, ки бақои миллатро тавассути ғановати забони миллӣ нигоҳ дошт ва миллатро аз завол наҷот бахшид.

Бад-ин тариқ, нақши Аҳмади Дониш ҳамчун маорифпарвар дар таърихи инкишофи илму адаб ва фарҳанги тоҷик басо бузург аст.

Дар замони худ, осори гаронбаҳои Аҳмади Дониш дар роҳи бедорӣ ва худшиносии зиёиёни миллӣ, нақши асосӣ бозидааст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. *Айнӣ С. Ёддоштҳо // Куллиёт, ҷ. 6. —Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. — 415 с.*
2. *Айнӣ С. Ёддоштҳо // Куллиёт, ҷ. 7. —Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. — 616 с.*
3. *Айнӣ С. Таърихи амирони мангитияи Бухоро // Куллиёт, ҷ. 10. – Душанбе, 1966. – С. 5-191.*
4. *Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ». – Сталинобод:Нашрдавтоҷик, 1957. – 247 саҳ.*
5. *Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби якум. – Душанбе: Дониш, 1988. – С. 172.*
6. *Аҳмади Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. Избранное. Поготовка текста и комм. Р. Хади-заде. Пер с. Тадж. М.Н. Османов и А.Н. Демидчик. – Душанбе: Таджгосиздат, 1960. – 300 с.*
7. *Аҳмади Дониш. Рисола дар назми тамаддун ва таовун. – Душанбе, 1976. – 95 саҳ.*
8. *Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Мангития. Ба саъй ва эҳтимому тасҳеҳи А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. - 193 с.*
9. *Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди 1. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947. – 384 с.*
10. *Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 2. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 саҳ.*
11. *Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1970. – 73 с.*
12. *Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёёти тоҷик (асрҳои ХУ1-Х1Х ва ибтидои асри ХХ). – Сталинобод, 1950. – 250 с.*
13. *Раҷабов З.Ш. Аз таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. – 195 с.*
14. *Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 307 с.*
15. *Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. – Москва: Прогресс, 1970. –400 с.*
16. *Улугзода С. Аҳмади Дониш. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1946. – 88 с.*
17. *Ҳодизода Р.Ҳ. Аҳмади Дониш. –Душанбе: Ирфон, 1976. – 293 с.*
18. *Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. –Душанбе: Маориф, 1967. –156 с.*

## ТАЪСИСЁБИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИЛМИ ТОҶИК

**ҒУЛОМШОЕВ Сулаймоншо,**
*н.и.т., ходими илмии шуъбаи давраи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе).*

## ОБРАЗОВАНИЕ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА И ЕЁ РОЛЬ В РАЗВИТИ НАУКИ

**ГУЛОМШОЕВ Сулаймоншо,**
*к.и.н., научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша АН Республики Таджикистан, (Таджикистан, Душанбе).*

## EDUCATION OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF SCIENCE

**GULOMSOEV Sulaymonsho,**
*Candidate of Historical Sciences, scientific offiser of the Department of Ancient, Medieval and New History of the Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, (Tajikistan, Dushanbe,*
***E-MAIL:** Gulomshoev@mail.ru.*

***Калидвожаҳо:** Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС, Филиали Академияи илмҳои ИҶШС, илм, кормандони илмӣ, номзади илм, академик, доктор, профессор, тадқиқот, экспедитсия, ҷаласа, тадқиқоти илмӣ.*

*Дар мақолаи мазкур оид ба инкишофи илм ва ташкилёбии Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС (1933) бо роҳбарии шарқшиноси намоён Сергей Федорович Олдебург (1863-1934) маълумот дода мешавад.*

*Соли 1941 База ба филиали Академияи илмҳо табдил дода шуда, сарварии он ба ӯҳда академик Евгений Никорович Павловский (1885 – 1965) вогузор карда шуд.*

*Ба ҳайати Филиал аввалин Институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба монандӣ институти геология, ботаника, зоология ва паразитология, таърих, забон ва адабиёти тоҷик шомил гардиданд.*

*Ҳамин тавр 14 - уми апрели соли 1951 иҷлосияи якуми Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон бо Қарори КМ ҲК (б) Президума Шӯрои Олӣ ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон баргузор гардид. Аз огози таъсисёбии Академия дар пешрафти дар илм, инкишофи иқтисолиёт ва ташаккули маданияти халқи тоҷик нақши калон бозидааст.*

***Ключевые слова:** Таджикская база Академия наук СССР, Таджикский филиал АН СССР, наука, научный сотрудник, кандидат наук, академик, доктор, профессор, исследования, экспедиция, собрание, научные исследования.*

*В данной статье речь идёт о формировании и образовании Таджикской базы Академии наук СССР (1933 г.). В результате развития науки база была преобразована в Таджикский филиал АН СССР с институтами геологии, ботаники, зоологии, истории, языка и литературы (1941 г.).*

*14 апреля 1951 г. торжественно открылась первая сессия Академии наук, которая положила начало ее деятельности. В постановлении ЦК КП (б), Президума Верховного Совета и Совета Министров говорится: «Республика достигла огромных успехов в развитии экономики, науки и культуры таджикского народа. Эти достижения создали все условия для организации Академии наук как штаба передовой научной мысли и школы воспитания национальных научных кадров».*

***Key words:** Tajik base Academy of Sciences, Tajik branch of the Academy of Sciences, science, research worker, Ph.D., academician, doctor, professor, research, expedition, meeting, Russian-Tajik encyclopedia.*

*In this article we are talking about the formation and formation of the Tajik base of the Academy of Sciences (1933), the dynamic development of science transformed the base into the Tajik branch of the Academy of Sciences of the USSR with the institutes of geology, botany, zoology, truth, language and literature (1941).*

*April 14, 1951 solemnly opened the first session of the Academy of Sciences, which marked the beginning of its activities. In the resolution of the Central Committee of the Communist Party (Bolsheviks), the Presidium of the Supreme Council and the Council of Ministers, Tajikistan has made tremendous progress*

*in developing the economy, science and culture of the Tajik people. These achievements have created all the conditions for the organization of the Academy of Sciences as the headquarters of an advanced scientific thought and a school for the education of national scientific cadres.*

Омӯзиши таърихи илми муосири тоҷик аз солҳои бистуми асри гузашта оғоз гардида, нахустин муассисаҳои илмӣ - тадқиқотӣ дар ҳамин давра ба фаъолият оғоз намуданд.

Баъди таъсисёбии муасисаҳои илмӣ, омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда, боигарӣ, табиат, набототу ҳайвонот, забон ва адабиёти халқи тоҷик оғоз шуд.

Солҳои 1931-1932 аввалин муассисаҳои илмӣ, Комитети омӯзиши халқи тоҷик, баъдтар Донишгоҳи илмӣ-тадқиқотии умумииттиҳоди пахтакорӣ, соли 1932 Донишгоҳи меваю сабзавот ва токпарварӣ, Расадхонаи Душанбе таъсис ёфтанд.

Раёсати АИ ИҶШС соли 1932 экспедитсияи комплексии Тоҷику Помирро таҳти роҳбарии А.Б. Ферсман таъсис дод. Экпедитсия аз 72 отряд иборат буда, дар он 700 нафар тадқиқотчиён фаъолият доштанд. Экспедитсия корҳои зиёде анҷом дода, моҳи октябри соли 1932 дар ҷаласаи якҷояи АИ ИҶШС, ки ҳайати он аз академикҳо В.Л. Камаров, А.Е. Ферсман, С.Ф. Олденбург, Д.Н. Приялмишников, профессорон Д.В. Наливкин, Е.Н. Павловский ва дигарон иборат буд, оид ба таъсисёбии Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС масъала ба миён гузоштанд.

Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС моҳи январи соли 1933 ба фаъолият оғоз кард. Дар ихтиёри он 13 муассисаи илмӣ, аз ҷумла Донишкадаи тропикӣ, санитарию бактериологӣ, Тадқиқоти илмии пахтакорӣ, Расадхонаи астрономӣ буданд. Ташкилёбии Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС дар ҳалли мушкилиҳои тараққиёти иқтисодию мадании ҷумҳурӣ нақши калон бозид. Роҳбарии онро ба уҳдаи шарқшиноси намоён Сергей Федорович Олдебург (1863-1934) вогузор карданд.

Олимони ИҶШС барои омӯхтани проблемаҳои мухталифи илмӣ ба Тоҷикистон ёрии амалӣ расонида, моҳи апрели соли 1933 дар шаҳри Ленинград (феълан Санкт-Петербрг) Конфренсияи якум оид ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолкунандаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил гардид. Аз он давра беҳтарин олимони рус Д.И. Шербаков, Н.П. Горбунов, Б.И. Вавилов, Д.Н. Наливкин, А.Е. Ферсмен, Е.Н. Павловский, В.Л. Камаров ва ғайраҳо ба омӯзиши бойгариҳои табии ҶШС Тоҷикистон оғоз намуда, дар пешрафти илми тоҷик саҳми арзанда гузоштанд.

Соли 1934 дар Тоҷикистон Донишгоҳи умумииттифоқии илмӣ – тадқиқотии субтропикҳои хушк ва соли 1936 Стансияи хокшиносию мелиоративии Вахш кушода шуданд. Дар охири соли 1937 Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС дорои 7 пажуҳишгоҳи илмӣ- тадқиқотӣ ва даҳ стансияҳои соҳавӣ гардида буд, ки дар онҳо 172 ходимони илмӣ кор мекарданд. Донишгоҳҳо ба кори сохтмони ҷомеаи нави сотсиалистӣ зич алоқаманд буда, масъалаҳои муҳими хоҷагиро ҳалу фасл менамуданд.

Соли 1933 олими силексионер В.Л. Красичков навъи нави пахтаро ихтироъ намуд, ки ҳосилнокиро 15 фоиз баланд бардошт. Институти меваю сабзавоти Ленинобод (ҳоло Суғд) доир ба дарахтони меваи донакдор, току сабзавотпарварӣ чандин тадқиқотҳои илмиро анҷом дод.

Дар ибтидои солҳои 30-юм экспедитсияҳои мухталиф ба омӯзиши набототи ва растаниҳои Бадахшон шурӯъ намуда, ба таъсисёбии муассисаи доимиамалкунандаи илмӣ мусоидат намуданд. Соли 1938 Стансияи биологии ноҳияи Мурғоб ва соли 1940 Стансияи селексионии ноҳияи Ишкошиму Боғи набототи Помир ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки дар заминаи онҳо соли 1969 Институти биологии Помир ташкил ёфт.

То оғози ҶБВ (1941-1945) олимони Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва сохтмони сотсиалистӣ саҳми калон гузоштанд. Ходимони илми АИ Тоҷикистон усулҳои беҳтарини нигоҳубин ва навъҳои серҳосилтарини зироатҳои хоҷагии қишлоқи ҷумҳуриро тавсия менамуданд.

Ҳанӯз моҳи май соли 1940 Шӯрои комиссарони халқи ҶШС Тоҷикистон пас аз таҳлили фаъолияти Базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС қарори махсусро «Дар бораи фаъолияти Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттифоқи Ҷомоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ» қабул намуд. Дар қарор аз ҷумла қайд шуда буд, ки «бо назардошти хеле пеш рафтани тадқиқотҳои илмӣ, Базаи Тоҷикистонӣ ба филиали Академияи илмҳо табдил дода шавад» [6,36] ва сарварии филиал ба уҳдаи академик Евгений Павловский (1885 – 1965) вогузор карда шавад.

Ба ҳайати Филиали Тоҷикистонии АИ ИҶШС соли 1941 аввалин Институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба монандӣ институтҳои геология, ботаника, зоология ва паразитология, таърих, забон ва адабиёти тоҷик шомил гардиданд. Инчунин обсерваторияи астрономии Сталинобод (ҳоло Душанбе), стансияи мелиоративии Вахш ва чанд муассисаи дигари илмӣ ба он ҳамроҳ гардидан. Баъдтар солҳои 1944 Институти чорводорӣ ва Институти химия (1945) созмон ёфта, ба фаъолият оғоз намуданд.

Ҷанги Бузурги ватанӣ ба ҳаёти осоиштаи халқи тоҷик таъсири калон расонида, давраи душвору сангин оғоз ёфт. 1 сентбяри соли 1941 СКХ Тоҷикистон «Дар бораи дигаргунисозии кори

Филиали Тоҷикистони АИ ИҶШС» қарор қабул кард, ки дар он аз ҷумла кайд шуда буд, ки филиал дар масъалаи азнавсозии кори институтҳои илмӣ- тадқиқотӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, барои ба итмом расонидани як қатор корҳои муҳими хоҷагии халқ саҳми калон гузошт.

Дар давраи Ҷанги Бузурги ватанӣ фаъолияти илмӣ- тадқиқотии олимони Тоҷикистон асосан ба ду самт: илмҳои дақиқ ва ҷомеашиносӣ равона карда шуда буд. Намояндагони илмҳои дақиқ вазифадор шуданд, ки ҷустуҷӯи конҳои ангишт, нефт, полиметаллҳо, металлҳои ранга, ашёи хоми химиявӣ, истеҳсоли намак ва ғайраро давом диҳанд. Инчунин олимони соҳаи биология барои тайёр намудани доруворӣ, дар боғи ботаники шаҳри Душанбе 27 намуди растаниҳои шифобхшро парвариш намуданд. Ходимони Институти зоология доир ба нест намудани касалиҳои сироятикунандаи вараҷа корҳои илмию тадқиқотиро ба роҳ монданд [1, 4-5]. Дар ин давра дар Институти таърих, забон ва адабиёт як қатор асарҳои илмӣ, ба монанди: «Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклори тоҷик»-и Л. Бузургзода ва О. Ҷалилов (1941), «Гузаштагони қаҳрамони халқи тоҷик»-и Б.Ғафуров ва Н.Прохоров (1944), «Халқи тоҷик дар мубориза ба муқобили забткории фашистони немис»-и Н. Прохоров ва Н. Черняховский ва ғайраҳо нашр гардиданд. Ходимони калони илмии пажӯҳишгоҳ Н. Ершов, Ҳ. Юсуфӣ, А. Розенфелд, Ҷ. Икромӣ дар солҳои аввали ҷанг «Қомуси русӣ-тоҷикии ҳарбӣ»-ро мураттаб намуда, аз чоп бароварданд [6, 230].

Китоби Б. Ғафуров ва Н. Прохоров «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани хеш», ки соли 1944 нашр гардид, доир ба муборизаи озодихоҳонаи халқи тоҷик ба муқобили аҷнабиён маълумот медиҳад. Инчунин соли 1945 маҷмӯаи мақолаҳо бо унвони «Материалҳо оид ба таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон» нашр гардид, ки дар он масоили алоҳидаи гузаштаи таърихи халқи тоҷик инъикос ёфтааст. Соли 1943 Михаил Степанович Андреев маротибаи дуюм ба Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ экспедитсия ташкил намуд. Андреев зиёда аз шаш моҳ дар водии баландкӯҳи Хуфи ноҳияи Рӯшон тадқиқот бурда, бозёфтҳои зиёди мардумшиносӣ, забоншиносӣ ва фолклориро ба даст овард. Дар натиҷаи ҷамъбаст намудани дастовардҳои экспедитсияҳо соли 1953 ва соли 1956 китоби безаволи «Тоҷикони води Хуф» -ро нашр кард.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тайёр намудани мутахассисони соҳаи илмҳои таърих ривоҷ меёбад. Агар соли 1941 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 1 академик, 5 доктору профессор (З.Ш. Раҷабов, А. Баҳовиддинов, Б. Ниёзмуҳаммадов, О. Ҷалилов) ва 22 нафар номзади илм фаъолият менамуданд, дар соли 1945 аз рӯи маводҳои гуногун 16 нафар унвони докторӣ ва 32 нафар рисолаҳои номзадиро бомуваффақият ҳимоя намуданд [5, 37].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ зарурияти тағйир додани самтҳои нақшавии тадқиқоти таърихӣ дар муассисаҳои илмии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Муаррихони он давра куллан ба мавзӯҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ машғул гардида ва асарҳои таърихии Садриддин Айнӣ “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” нашр гардиданд.

Ҳамин тавр, аввали солҳои 50-ум қарни гузашта, нуфузи илми тоҷик аз доираи филиал берун баромада, зарурати таъсис додани Академияи илмҳои Тоҷикистон ба амал омад.

14-уми апрели соли 1951 иҷлосияи якуми Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон дар толори Театри опера ва балет бо сухани ифтитоҳии Раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Ҷ. Расулов баргузор гардид. Дар иҷлосия Котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон Т. Пулотов ва муовини Раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон А. Мирзоев ва дигар шахсони расмӣ баромад намуда, Қарори Ҳукуматро “Дар бораи кушодашавии Академияи илмҳо” қироат карданд. Ҷаласаи рӯзи аввал бо хунарнамоии санъаткорони тоҷик хотима ёфт.

Рӯзи 15-уми апрел давоми ҷаласа дар толори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон бо интихоб намудани Президенту ноиби президент ва аъзоёни фахрии Академия илмҳои Тоҷикистон оғоз гардида, доир ба ташаккули илмҳои зоология, бостоншиносӣ ва забоншиносӣ олимони варзида Е.Н. Павловский, А.Ю. Якубовский ва Б. Ниёзмуҳаммадов баромад намуданд.

Рӯзи 16-ум ҷаласа дар толори Шӯрои Олӣ идома ёфта, олимон И. Антипов, С. Юсупова, П. Овчиников суханронӣ намуда, давоми онро дар бахшҳо (сектор) идома доданд. Бахши биология ва кишоварзӣ дар толори Донишгоҳи давлатӣ (ҳоло Донишгоҳи миллӣ), бахши илмҳои дақиқ (геология, химия, физика ва риёзӣ) дар толори Вазорати маориф ва бахши илмҳои иҷтимоӣ (гуманитарӣ) дар толори Академияи илмҳо баргузор гардиданд. Дар бахши иҷтимоӣ олимони намоён А.А. Семёнов, З.Ш. Раҷабов, М. Дяконов ва С. Табаров доир ба инкишофи илмҳои таъриху адабиётшиносӣ маълумот доданд. Ба ҳайати он 3 нафар аъзоёни ифтихории Академия: А.Н. Несмеянов, Е.Н. Павловский, К.И. Сатпаев, 11 узви пайваста (академик) ва 14 узви вобастаи АИ дохил гардиданд. Рӯзи охирони ҷаласа дар толори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон бо интихоби аъзоён, мудирони шуъбаҳо ва суханронии ҷамъбастии Президенти тозаинтихоби Академияи илмҳо устод Садриддин Айнӣ хотима ёфт.

Ташкилёбии Академияи илмҳо ба пешрафти илм мусоидат намуда, дар солҳои 1951-1958 дар ҳайати Академия институтҳои астрофизика, зилзиласанҷӣ ва шӯъбаҳои физика, энергетика, философия ва ғайра кушода шуданд.

Дар ин давра институтҳои Академия илмҳои Тоҷикистон илмро ба истеҳсолот наздик намуда, ба муваффақиятҳои калон ноил шуданд. Олимони тоҷик навъҳои серҳосили пахта, гандум, нахӯд ва ғайраро ихтироъ карданд. Зоологҳо ва паразитологҳо усулҳои аз ҳашароти зараррасон эмин нигоҳ доштани пахтазорро омӯхтанд. Дар омӯзиши олами наботот, ҳайвонот ва зилзиласанҷӣ низ тадқиқотҳои зиёде анҷом дода шуданд. Умуман, солҳои 50-ум дар Тоҷикистон илм хеле пеш рафта, шумораи кормандони илмӣ меафзуд. Соли 1959 дар муассисаҳои илмии АИ Тоҷикистон 16 доктор, 119 номзади илм ва 257 нафар корманди илмӣ кор мекарданд.

Дар инкишофи илми тоҷик муаррихони намоён Б.Ғ. Ғафуров, А.А. Семёнов, А.Ю. Якубовский, Б. Искандаров, З.Ш. Раҷабов, хокшинос И.Н. Антипов-Каратаев, селексионер В.П. Красичков, адабиётшиносон С. Айнӣ, Е.С. Бертелс, А.Н. Болдирев, А. Мирзоев нақши калон бозиданд [4, 102].

Хусусан олимони Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониш дар омӯхтани таърих, забону адабиёт ва санъати халқи тоҷик чунин тадқиқотҳои бунёдиро, ба монанди "Таърихи халқи тоҷик" дар се ҷилду панҷ китоб (1963-1965); "Очерки таърихи сохтмони колхозии Тоҷикистон" (1968); "Таърихи синфи коргари Тоҷикистон (1917 - 1970)", иборат аз 2 қисм (1972- 1973); "Таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон (1917 -1977) иборат аз 2 ҷилд (1979, 1983); "Аз таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон (1924 - 1941) иборат аз 2 ҷилд (1966); "Очеркҳо дар бораи таърихи Бадахшони Советӣ" (1981, 1985), "Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз" 3 барориш (1966, 1970, 1976); "Ҳунари мусиқии Помир" дар 2 ҷилд (1976, 1986) ва ғайра анҷом доданд.

Дар натиҷа, обрӯ ва эътибори ходимони илмии АИ Тоҷикистон дар миқёси Иттифоқи Шӯравӣ ва арсаи ҷаҳонӣ баланд гардид. Соли 1968 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси ЮНЕСКО конфренсияи умумиҷаҳонӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар замони Кушониён баргузор гардид, ки дар баргузорнамоии он нақши академик Б. Ғафуров калон аст.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои бостоншиносӣ аз харобазорҳои Панҷакенти қадим ва дигар мавзеъ маводҳои фаровон дастрас гардиданд, ки саҳифаҳои таърихи моро пурра намуданд. Дар охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-ум ба кофтуковҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон олимони давлатҳои хориҷӣ мароқ зоҳир намуданд. Чандин сол бостоншиноси ИМА, Фаронса ва Шӯравӣ якҷоя дар Панҷакенти қадим ва Саразм ба таҳқиқотҳои бостоншиносӣ машғул гардиданд.

Давлати Шӯравӣ дастовардҳои илми Академияи илмҳои Тоҷикистонро ба инобат гирифта, 5 августи соли 1975 бо Қарори президиуми Шӯрои Олии ИҶШС барои хизмаиҳои намоёнаш дар инкишофи илм, иқтисодиёту маданият ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос бо ордени "Дӯстии халқҳо" сарфароз намуд [2, 6].

Солҳои 1960-1980 олимони тоҷик дар пешрафти хоҷагии халқ саҳмгузор гардида, шӯъбаи энергетикаи Академияи илмҳо захираҳои сӯзишвории Тоҷикистонро барои солҳои 1960-1980 ҳисоб карда баромад. Шӯъбаи мазкур гузаронидани хатҳои баландшиддати барқро дар шароити кӯҳсор омӯхта, бо ҳамкории Институти зилзиласанҷӣ ба зилзила тобовар будани сарбанди НОБ-и Норакро дақиқ омӯхт. Институти химия, нақшаи комплексии технологии конҳои Майхӯраро дар истеҳсолот ҷорӣ кард.

Соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷамъиятӣ низ пеш мерафт. Файласуфон қонуниятҳои обективии гузариш аз феодализм ба сотсиализмро омӯхта оиди ин масъала асарҳои қолиби диққат иншо намуданд. Дар Институти шарқшиносӣ масъалаҳои омӯхтан ва ба нашр тайёр намудани мероси классикони адабиёти форсу тоҷик ба роҳ монда шуд.

Бисёр тадқиқотҳои илмии олимон дар истеҳсолот ҷорӣ шуда самараи хуб доданд. Бо ташаббуси кормандони Институти фалсафа ва шарқшиносӣ моҳи майи соли 1988 дар шаҳри Душанбе конфренсияи "Ислом ва сиёсат", "Симпозиуми умумииттифоқии шарқшиносон", "Таъсири мутақобилаи тамаддун дар Шарқ" баргузор гардиданд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи кашмакашиҳои сиёсӣ муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ба вазъияти ногувор дучор гардида, даҳҳо мутахасисони варзидаи русзабон Тоҷикистонро тарк намуданд.

Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон то ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар илми умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ мавқеъи намоёнро ишғол мекард. Дар ҳайати Академияи илмҳо 23 пажӯҳишгоҳ ва шӯъбаҳои мустақил амал мекарданд, ки зиёда аз 1500 нафар корманди илмӣ доштанд. Онҳо аз рӯи доираи васеи илм дар соҳаи зилзилашиносӣ ва иншооти ба зилзила тобовар, яхшиносӣ (глатсиология), генетикаи пахта, фалсафаи асримиёнагии Шарқ, таърих ва

бостоншиносии Суғду Бохтар ва адабиётшиносӣ (омӯзиши забонҳои помирӣ) тадқиқот мебурданд [3,170].

Дар замони истиқлолият Академияи илмҳо бо ғамхории Пешвои миллат, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Э. Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи пештараи хешро барқарор намуда, вобаста ба талаботи замон чандин муассисаву шӯъбаҳои нави илмиву таҳқиқотӣ, ба монанди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, Институти демография, Институти ҳуқуқ ва давлат, Агентии назорати ядроӣ ва радиоатсионӣ таъсис ёфтанд.

Инчунин дар назди Институти фалсафа, шӯъбаи сотсиология ва маркази синошиносӣ, дар назди Институти физика ва техника шӯъбаи нанотехнология ташкил ёфтанд.

Аз оғози таъсисёбии Академияи илмҳо то имрӯз дар пешрафти илми тоҷик ва сарварии Раёсати Академияи илмҳо донишмандони намоён, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (14.04.1951 – 15.07.1954), Султон Умаров (11.03.1957 – 06.05.1964), Муҳаммад Осимӣ (28.05.1965 – 06.05.1988), Собит Неъматуллоев (06.05.1988 – 16.06.1995), Улмас Мирсаидов (16.06.1995 – 03.02.2005), Мамадшо Илолов (03.02.2005 – 06.12.2013) ва аз 6 декабри соли 2013 то кунун (2018) Фарҳод Раҳимӣ роҳбарӣ менамоянд.

Дар муассисаҳои илмиву таҳқиқотии Академия зиёда аз 2149 нафар кор мекунанд, ки аз ҷумла 866 нафар кормадони илм (140 доктори илм ва 339 номзади илм) фаъолият доранд.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият ҳамкории илмиро бо Академияи илмҳои федератсияи Россия, Олмон, ИМА, Ҷопон, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон ва кишварҳои дигар идома дода истодааст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. *Академия наук Таджикской ССР. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 64 с.*
2. *Академия наук Таджикской ССР. – Душанбе, 1979. – 323 с.*
3. *Дубовитсикий В., Дубовитская И., Шерматов Ғ. Дар дарвозаи Шарқ. - Душанбе, 2012. – С. 170-171.*
4. *История культурного строительства в Таджикистане. –Т. 1. - Душанбе: Дониш, 1979. – 280 с.*
5. *История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977гг.). - Т. 2. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 470 с.*
6. *Нарузов Г. Формирование научного центра в Таджикистане (1924-1950 гг.). - Душанбе: Дониш, 1992. - 230 с.*

**_СОХТОРИ ТАШКИЛӢ, МАРОМ ВА МАҚСАДИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН_**

**_ҚУРБОНОВА Ширин Исмоиловна,_**
_н.и.т., докторанти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Тоҷикистон, Душанбе)_

**_ОРГАНИЗАЦИОННАЯ СТРУКТУРА И ПРАКТИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАРОДНО-ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ ПАРТИИ ТАДЖИКИСТАНА_**

**_КУРБАНОВА Ширин Исмаиловна,_**
_к.и.н., докторант Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ (Таджикистан, Душанбе)_

**_ORGANIZATIONAL STRUCTURE, PURPOSE OF PEOPLE`S DEMOCRATIC PARTY OF TAJIKISTAN`S ACTIVITY_**

**_KURBANOVA Shirin Ismailovna_**
_c.h.s, doctoral student of the Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, (Tajikistan, Dushanbe)_

**_Калидвожаҳо:_** _ҳизб, низомнома, оиннома, аъзои ҳизб, мақсади ҳизб, демократия, ҲХДТ._

_Дар мақола асосан сухан дар бораи низомнома, оиннома, фаъолияти амалӣ ва ташкилии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон меравад. Инъикос намудани сохтори ташкилӣ, маором ва мақсади фаъолияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон меҳвари асосии мақолаи мазкур ба ҳисоб меравад. Пойгоҳи сарчашмашиносии мавзӯи мақоларо пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, суханрониҳои Раиси ҲХДТ, анҷуманҳои ҲХДТ, низомнома ва оинномаи ҲХДТ ташкил медиҳад._

**_Ключевые слова:_** _партия, устав, член партии, цель партии, демократия,, НДПТ._

_В статье уделяется внимание уставу, структурной организации и практической деятельности Народно-демократической партии Таджикистана. Источниковедческая база статьи состоит из Конституции Республики Таджикистан, выступлении председателей НДПТ, съездов НДПТ и устава НДПТ._

**_Key words:_** _party, regulation, charter, party member, purpose of party, democracy, PDPT._

_The article mainly tells about regulation, charter, practical and organizational activity of People`s Democratic Party of Tajikistan. Reflecting organizational structure, purpose of People`s Democratic Party of Tajikistan`s activity are the main axis of the present article._

_The source of the subject of this article primarily consist of Constitution of the Republic of Tajikistan, speeches of the Head of PDPT, congresses of PDPT, regulation and charter of PDPT._

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҳизби навтаъсис буда, таҷрибаи мусбии аҳзоби сиёсии дигарро ба кор бурда, аз амалияи сиёсии ҷаҳонӣ истифода бурдааст. Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ташаккулёбӣ тарафдори роҳу равиши пешрафт буд. Ин аст, ки дар байни халқи шарифи кишвар обрӯи баланди сиёсӣ пайдо карда, тарафдораш зиёд гардидааст [30, 10].

Дар ин раванд барои ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ қабули Конститутияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» заминаи воқеӣ гузоштанд.

Бояд қайд кард, ки дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон иттиҳодияҳои гуногуни сиёсиву ҷамъиятӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва давлат барои фаъолияти онҳо имкониятҳои баробар фароҳам меорад.

Аз ин хотир ҷамъият ба созмон додани чунин ташкилоти усулан нави сиёсӣ ниёз пайдо кард. Ин созмонро лозим буд, ки на танҳо ҷои холии фазову арсаи сиёсатро пурра кунад, балки муҳимтар аз ҳама тавонад ҷамъияти аз ҳам ҷудошудаи моро муттаҳид намуда, ба хотири бунёдкорӣ ва азнавсозии ҷомеа ба он руҳу илҳом бахшад.

Кумитаи тадорукотии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон (дар марҳилаи аввали ташаккулёбӣ бо номи Ҳизби халқии Тоҷикистон ном бурда мешуд) 6 декабри соли 1993 ба кори худ

шурӯъ кард ва 10 декабри соли 1994 Анҷумани нахустини ҳизби мазкур баргузор гардид. Дар ин анҷуман вакилон заминаҳои сиёсию иҷтимоии ташаккули ҳизбро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҳамчунин дар анҷуман оиннома, барнома ва мақсадҳои тактикӣ ва стратегии ҳизбро муайян намуданд. Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 декабри соли 1994 ба қайд гирифта шуд [31, 2].

Чи тавре ки раиси Ҳизби халқӣ демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Бист қадами созанда»-и худ иброз доштааст, мақсади стратегии ҳизби мазкур сарфи назар аз мансубияти миллӣ, баромади иҷтимоӣ, дину мазҳаб, тамоюлҳо ва одоти фарҳангӣ ҷонибдори муттаҳид намудани ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар атрофи ҳалли масъалаҳои мушаххас ва таърихан ҳалшавандаи умумимиллӣ, пойдор намудани тараққиёти аз ҷиҳати сиёсӣ соҳибихтиёри иқтисодӣ, якпорчагии мамлакат ва давлати ҳуқуқбунёди аз ҷиҳати ахлоқи устувор мебошад, ки он ҷузъи таркибии сохтори ҳозиразамони хоҷагидории умумиҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ буда, тавонад бо ҳамаи мамлакатҳои хориҷии ҳам Шарқу ҳам Ғарб дар фазои мусолимат вуҷуд дошта бошад [31, 11].

“Ҳизби мо табиатан халқӣ ва демократӣ мебошад ва он маҳсули тафаккуру эҷоди халқи фарҳангофар ва созандаи мост. Мо пойбанди ҳеҷ як гуна идеологияи бегона набудем ва нестем”, афзудааст Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [13, 14]. Воқеан ҳам идеологияи ин ҳизбро аъзоёни ҲХДТ бо ташаббуси бевоситаи Раиси он ба вуҷуд овардаанд. ҲХДТ ба хотири мардуми азияткашидаи халқамон ташкил карда шудааст. Агар ба таърихи фаъолияти ҲХДТ назар афканем, дар сафҳои он аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш мардуми одӣ ҷамъ омада буданд.

“Мо ба хотири ваҳдати миллӣ дар сафҳои ин ҳизб ҳам коммунистон, ҳам демократҳо, ҳам аъзои Растохезу ҳам диндорон, ҳам фронти халқиву ҳам намояндагони азҳоби мухталифро пазируфтем. Зеро ғояи аслии ҳизби мо, ки дар давраи ҷангу ҷидол ҳамчун як қувваи сиёсии муътадил ба вуҷуд омада буд, ин пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ буд. Мо барои ғояҳои гурӯҳии худ аз ҳадафҳои миллӣ даст кашида наметавонистем. Мо бо мардум будем, мардум бо мо. Халқ бо мо буд, бинобар ин ҳизби мо аз аввал халқӣ буд ва номаш ҳам халқӣ шуд. Мафҳуми демократиро ман баъдтар пешниҳод кардам. Аъзои ҳизб ин ғояро соли 1997 дар Анҷумани III ҳизб пазируфта, қонунӣ гардониданд” [29, 19].

Дар солҳои мудҳиштарин барои миллати тоҷик, аз ҷумла таъмини сулҳу суботи дохилӣ, хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, мустаҳакам гардидани ҳокимияти конститутсионӣ ва амсоли он ҲХДТ аз худ фаъолияти басо назаррас нишон додааст. Дар ин росто нақши асосиро Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бозидааст, зеро ҳамаи ин муваффақиятҳо ва дастовардҳо дар ҷумҳурӣ маҳз бо кушишу талошҳо ва таҳти сарварии ӯ ба даст омадааст. Доир ба фаъолияти ӯ дар ҲХДТ ҳаминро гуфтанием, ки 10 марти соли 1998 ба аъзогии ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дохил мешавад. 18 апрели соли 1998 дар Анҷумани ҳизб Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон интихоб мешавад.

“Ҷиҳати мукаммал ва мушаххас ба роҳ мондани фаъолияти худ, ҲХДТ низ чун дигар аҳзоби сиёсӣ оиннома ва низомномаи худро дорад. Бояд қайд намуд, ки фаъолияти ҲХДТ пеш аз ҳама бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавъам мебошад. Маҳз яке аз сабабҳои дар атрофи ин ҳизб ҷамъ омадани қисми зиёди аҳолӣ низ дар ҳамин мебошад. Мо тамоми қувваро маҳз барои амалӣ гардидани муқаррароту ғояҳои асосии Конститутсия равона кардаем ва ба хусус қисми зиёди буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ сарф карда мешавад”, қайд намудааст Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон [23, 20].

Ҳизби халқии Демократии Тоҷикистон дар доираи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин Оиннома ва Барномаи худ амал мекунад.

Оинномаи ҲХДТ дар Анҷумани VIII Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардидааст.

Чуноне ки оварда шудааст: “Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ буда, барои бунёди давлати сохибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона, инчунин иктисодиёти устувор, ки баҳри беҳбудии ҷомеа нигаронида шудааст, фаъолият менамояд” [30, 11]. Қобили зикр аст, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз рӯи оинномаи худ, дар фаъолияти хеш бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба фазилатҳои баланди сиёсӣ, сифатҳои наҷиби ахлоқӣ ва маърифати пурсамари маънавии аъзояш такя намуда, ғайрату идроки онҳоро барои мустаҳкам намудани истиқлолияти сиёсию-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар менамояд [1, 41].

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дастовардҳои афкори пешқадами ҷамъиятро эҷодкорона татбиқ намуда, манфиатҳои мардумро сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ, мавқеи ҷамъиятӣ ва муносибат ба дину мазҳаб ҳимоя намуда, суннатҳои беҳтарини миллӣ, таърихӣ ва фарҳангиро дастгирӣ ва инкишоф дода, ҳар гуна зуҳуроти маҳалгароӣ, миллатчигӣ, таасуби динӣ, экстремизми сиёсӣ, терроризм ва ифротгарони сиёсиро қатъиян маҳкум намуда, худшиносӣ ва ватанпарастиро асоси фаъолияташ мешуморад.

Ҳизби халқии Демократии Тоҷикистон чун дигар аҳзоби сиёсӣ мақсад, вазифаҳо ва усули асосии фаъолияти хешро дорад. Ин мақсадҳои гузошташуда танҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат, ҷомаи амал пушонидан ба орзуҳои чандинасраи тоҷикон ва пеш аз ҳама ба кишвари абарқудрат, мутараққӣ ва соҳибнуфуз дар асрсаи байналмилалӣ табдил додани Тоҷикистони азиз ба шумор меравад. Аз ҷумла, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон барои иттиҳоди ҳамаи нерӯҳои солими ҷомеа, бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии халқ, рушди иқтисод, дар асоси инкишофи ҳама гуна шаклҳои моликият, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ин матлаб аз мақсадҳо ва вазифаҳои асосии ҲХДТ ба шумор меравад. Мақсади дигаре, ки КИМ ҲХДТ дар пеши худ гузоштааст, ин бо ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, баҳри тараққиёт ва инкишофи минбаъдаи давлатӣ соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамкорӣ намудан мебошад [1, 42; 3, 6]. Бо ин мақсад, Ҳизби халқии Демократии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ дорад номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номзадҳоро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ пешбарӣ намояд ва фраксияи худро дар Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои намояндагии маҳллӣ таъсис диҳад.

Ҳизби халқии ДемократииТоҷикистон дар асоси усулҳои зерин фаъолияти худро ба роҳ мондааст, ки муҳимтаринашон ин аст:

- умумияти ғоявӣ ва рафоқати ҳизбӣ, ягонагии манфиатҳои ҳизб  ва ҳар як узви он, интизоми бошуурона, баробарии ҳуқуқ, уҳдадориҳои аъзои ҳизб;
- эҳтиром ба ақидаи ҳар як узви ҳизб, худидоракунии ташкилотҳои ибтидоӣ, озодбаёнӣ дар фаъолият;
- интихобӣ будани ҳамаи мақомоти роҳбарии ҳизб  аз поён то боло;
- интизоми қатъии ҳизбӣ ва ҳатмӣ будани қарорҳои мақомоти болоӣ барои мақомоти поёнӣ;
- идоракунӣ ва роҳбарии дастаҷамъии ҳамаи мақомоти ҳизбӣ, масъулияти шахсии ҳар як аъзои ҳизб  барои иҷрои вазифаҳои худ ва супоришҳои ҳизбӣ [3, 6; 18, 3].

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнаш ба 18 солагӣ расидааст, метавонад узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бошад. Қабул ба аъзогии Ҳизби халқии Демократии Тоҷикистон мувофиқи аризаи шахсӣ, бо дастгирии аксарияти аъзоён дар маҷлиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ сурат гирифта, баъди тасдиқи қарори ташкилоти ибтидоӣ аз тарафи кумитаҳои иҷроияи ҳизбии шаҳрӣ, ноҳиявӣ расмӣ мешавад.

Аъзои ҲХДТ наметавонад дар як вақт узви ҳизбҳои дигар бошад. Шахсе, ки ба ҳизб  дохил шудааст, бо роҳи супоридани ҳаққи аъзогӣ ва дигар шаклҳое, ки қонун иҷозат додааст, ба ҳизб ёрии молиявӣ мерасонад. Узвият дар ҳизб  сабт мешавад. Узви ҳизб  бо хоҳиши худ ва розигии ташкилоти ибтидоӣ дар ҷои кор ё макони истиқомат ба қайди ҳизбӣ гирифта мешавад. Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии аъзои ҳизб  мувофиқи Низомномаи тасдиқнамудаи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Барои вайрон кардани интизоми ҳизбӣ ва меъёрҳои ахлоқи ҷамъиятӣ, нисбат ба аъзои ҳизб  чораҳои тарбиявии ҳизбӣ андешида шуда, баӯ огоҳӣ ё танбеҳ эълон карда мешавад ва амсоли инҳо, ки аз усулҳои фаъолияти ҲХДТ ба ҳисоб меравад [6, 5].

Шахси аз сафи ҳизб  хориҷ кардашуда дорои якзумра ҳуқуқҳо мебошад, ки ҳамаи он дар оинномa ва низомномаи ҲХДТ ба таври муфассал оварда шудааст. Танҳо барои мисол мехоҳем якчандтои онро матраҳ намоем. Аз ҷумла, узви ҳизб  метавонад ба ҳамаи мақомоти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон интихоб шавад ва интихоб кунад, дар бораи фаъолияти Ҳизби халқии демократииТоҷикистон маълумоти пурра ба даст оварад, дар чорабиниҳое, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мегузаронад, ширкат варзад, мавқеи худашро муайян кунад, масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳизб, инчунин ҳаёти дохилиҳизбиро муҳокима намояд, дар таҳия ва амалӣ кардани қарорҳои ҳизб  ширкат варзад, дар сурати поймол шудани ҳуқуқ ва таҳқири шаъну эътибораш аз пуштибонии сиёсии мақомоти ҳизбӣ истифода намояд, аз як ташкилоти ибтидоии

Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ба дигараш гузарад, узвияти худро дар ҳизб боз дорад ё ташкилоти ҳизбиро хаттӣ огоҳ намуда, аз он хориҷ шавад, аз тарафи Ҳизби халқии Демократии Тоҷикистон барои интихоб дар мақомоти намояндагии ҳокимият номзад пешниҳод намояд ва пешниҳод шавад ва ғайраҳо [9, 12].

Тавре ки дар низомномаи ҲХДТ оварда шудааст, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ асоси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон буда, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи кор ва макони истиқоматӣ аъзоён созмон ёфта, аз тарафи комиҷроияҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ ба расмият даровarda мешаванд.

Ба сохтори ҳизбӣ инчунин комиҷроияҳои ҳизбии ибтидоӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ дохил мешаванд. Мақоми олии ташкилоти ибтидоиро маҷлиси умумӣ ташкил медиҳад. Ва он ҷиҳати пеш бурдани корҳои ҷории ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ комитети иҷроияи ибтидоӣ ва роҳбарияти он, дар ташкилотҳои ҳизбии аз 30 аъзо камтар дошта, раиси ташкилоти ибтидоии ҳизб ва ҷонишини ӯро интихоб мекунанд ва ҳар сол ҳисоботи онҳо дар маҷлиси умумӣ шунида мешавад. Инчунин Раиси ҲХДТ дорои ваколатҳои махсус мебошад, ки он доираи фаъолияташро муаян менамояд.

Умуман ҲХДТ аз рӯзҳои нахустини фаъолияти хеш роҳи бунёдкорию созандагиро пеш гирифта, баҳри дар амал тадбиқ намудани орзуҳои чандинасраи миллати тоҷик, ташкил намудани давлати мутамаддини миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар қадамҳои устувор гузошт ва бо сарварии Роҳбари оқилу хирадманди худ- Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаҳои баланд расид.

Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон воқеан тарроҳ ва поягузори мактаби нав дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст, зеро замоне, ки ӯ масъулияти роҳбариро ба уҳда гирифт, кишвар ҳеҷ поя ва заминае барои пешбурди сиёсати хориҷӣ надошт. Агарчанде дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар идоракунии бахши иқтисодию иҷтимоӣ замина ва таҷрибае дошт, вале дар бахши равобити байналмилалӣ чунин таҷриба хеле маҳдуд буд. Воқеан таърих сиёсатмадорони зиёдеро дар ёд дорад, ки давлати худро дар ҷаҳон муаррифӣ кардаанду сиёсати хориҷии худро ба ҷаҳониён нишон додаанд, вале онҳо бо зӯри силоҳ ва амалҳои ғайри қонунии дигар дар саҳнаи ҷаҳон нақшофаринӣ кардаанд. Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароите қарор дошт, ки бояд ҷойгоҳи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ бе ракетаву бомба, бе эҳдои кӯмакҳои фаровони башарӣ, бе сарфи милионҳо долар дар самти таблиғоти расонаӣ баланд бардорад. Вале Раиси ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сулҳоварию ваҳдатофарӣ, ташаббусҳои созандаи глобалӣ, ин корро анҷом дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон тайи 25 соли истиқлолият дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт.

Дар ин давраи рушду инкишоф ҳадафи якум ва муҳимтарини Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ ба ҳисоб мерафт. Масъалаи ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он хусусан дар шароити пуртазоду печидаи солҳои охир, яъне рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ аҳамияти торафт ҷиддии ҳаётӣ пайдо кардааст.

Аз ин лиҳоз, вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдонии ҳар аъзои ҳизб он аст, ки ҳатто як лаҳза ҳам масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ, таъмини амнияти кишвар ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеаро фаромӯш насозад.

Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон ҳадафи дуюми Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Мардум бояд моҳияти равандҳои сиёсии дохиливу хориҷӣ, мақсади нерӯҳои ғаразноки берунӣ ва ҳадафи нақшаву барномаҳои давлати худро мустақилона дарк карда тавонанд. Ҷомеаи мо бояд донад, ки ҳадафи стратегии давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар заминаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.
9. *Пирназарова П. А. Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего. – Душанбе: «Ирфон», 2011. -200с.*
10. *Пирназарова П.А. Тоҷикистон – Россия: уфуқҳои ҳамкории таърихӣ дар соҳаи фарҳанг // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: «Сино», 2017. – 66-71.*
11. *Пирумшоев Ҳ. Таджикистан – Россия: Исторический опыт сотрудничества в 90-е годы и его перспективы // Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. (Сборник статей). Часть 1. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 528с.*
12. *Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов. -Лондон, 1999.*
13. *Раҳмон Э. Тоҷикистон: дар роҳи ҷомеаи мутамаддин (Таджикистан: на пути цивилизационного общества). - Душанбе, 1996.*
14. *Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4 томах. - Душанбе: Шарки озод, 2001.*
15. *Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах. -Душанбе: Шарки озод, 2002-2009.*
16. *Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ (Независимость Таджикистана и национальное возрождение). В 7 томах. -Душанбе: Шарки озод, 2002-2008.*
17. *Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374с.*

18. *Рахмонов Э. Ш. Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374с.*
19. *Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: «Контраст», 2016. – 216с.*
20. *Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене// Саидов З., Сабуров А. – Душанбе: Деваштич, 2005. -432с.*

| | |
|---|---|
| ***ГУСТАРИШИ ҶУҒРОФИЁИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН*** | ***САФАРОВ Некрӯз Шодиевич,*** *аспиранти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)* |
| ***ГЕОГРАФИЧЕСКОЕ РАСШИРЕНИЕ ГОСУДАРСТВА САМАНИДОВ*** | ***САФАРОВ Некруз Шодиевич,*** *аспирант Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша АН Республики Таджикистан, (Таджикистан, Душанбе)* |
| ***GEOGRAPHICAL EXPANSION STATES OF SAMANIDES*** | ***SAFAROV Nekruz Shodievich,*** *post-graduate student of the Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. (Tajikistan, Dushanbe)* |

***Калидвожаҳо:*** *давлати Сомониён, ҷуғрофиё, вилоят, Хуросон, Мовароуннаҳр, Исмоили Сомонӣ, марзҳои давлатӣ.*

*Давлати Сомониён ҳудуди густардаеро фаро мегирифт, ки қаламрави он дар шимолу шарқ аз водии дарёи Талас оғоз шуда, дар ҷанубу ғарб то Эрони Марказӣ ва Ҷанубӣ доман густарда буд. Ин ҳудуди ташаккул ва сукунати мардуми тоҷик дар асрҳои миёна ва давраҳои баъдии таърихӣ дониста мешавад, ки ҳоло қариб 3 млн км$^2$-ро дар бар мегирад.*

***Ключевые слова:*** *государство Саманидов, география, область, Хорасан, Мавераннахр, Исмаил Самани, государственные границы.*

*Территория государства Саманидов занимало огромную площадь, которая начиналась с долины реки Талас в северо-востоке и заканчивалась в Центральных провинциях Ирана на западе. Эта территория признается ареалом формирования и местом проживания таджикского народа в средние века и последующие столетия и занимает почти 3 млн кв. км.*

***Key words***: *Samanid state, geography, region, Khorasan, Maverannahr, Ismail Samani, state borders.*

*The territory of the Samanid state occupied a huge area that began from the Talas valley in the northeast ending in the central provinces of Iran in the west. This territory is recognized as the area of formation and the place of residence of the Tajik people in the Middle Ages and the following centuries and occupies almost 3 million square kilometers.*

Соҳибназарон давраи ҳукумати сулолаи Сомониёнро асри тиллоии таърихи мардуми тоҷик донистаанд. Зеро дар ин давра сиёсату иқтисод, иҷтимоиёту фарҳанг, илму ҳунар ва адабиёт ба рушди бесобиқаи худ расидаанд. Густариши қаламрави давлати Сомониён аз соли 893, яъне аз замони расман ба ҳукмронии Мовароуннаҳр расидани Исмоил ибни Аҳмад (892–907) шуруъ шудааст. Дар ин сол Исмоил барои бартараф кардани хатари ҳамлаҳои туркон ба шаҳри маркази Туркистон – Тироз (Тарози кунунӣ дар Қазоқистон) лашкар кашид. Дар ҷанг Исмоил хони туркро мағлуб карда, ӯро ҳамроҳ бо 10 ҳазор надимону сипоҳиёнаш асир гирифта, калисои бузурги онро ба масҷиди ҷомеъ табдил доданд ва ба номи халифа Муътазид хутба хонданд. Бад-ин восита туркон муддати тӯлонӣ ба марзҳои Мовароуннаҳр ҳуҷум карда натавонистанд [1, 157; 2, 334].

Пас аз ин ғалаба Исмоил қаламрави худро то водии Талас васеъ намуда, минтақаи хеле пурғановатро, ки дорои маъданҳои гуногуни гаронарзиш буд, дар ихтиёр гирифт. Коркарди ин маъданҳо аҳамияти минтақаро боз ҳам афзуда, дар умум барои рушди иқтисоди Мовароуннаҳр заминаи мусоид фароҳам меовард.

Соли 893 Исмоил Усрушанаро аз нав ба қаламрави давлати худ ҳамроҳ карда, ҳукумати Сайр ибни Абдуллоҳро сарнагун намуд ва барои ҳамешагӣ Усрушана аз зери ҳукумати афшинҳои сулолаи Ковусиён берун рафт.

Афзудани қудрати Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Саффориён дар Хуросон дар маркази хилофат – Бағдод таҳлука меафканд. Бо мақсади заъиф кардани ҳар ду сулолаи тоҷикӣ халифаҳои Аббосӣ ба хулосае омаданд, ки Амр ибни Лайсро бо Исмоили Сомонӣ ҷанг андозанд. Бо ин мақсад соли 892 халифа Муътазид фармони ҳукуматдории Хуросонро ба номи Амри Лайс фиристод. Бо ин роҳ халифа мехост аз волии амалкунандаи Хуросон – Рофеъ ибни Ҳарсама халос шавад. Соли 896 Амри Лайс бо шикаст додани Рофеъ ибни Ҳарсама умури Хуросон ва пас аз як сол

Райро ҳам дар ихтиёр гирифт. Марзҳои давлати Амри Лайс дар шимол то рӯди Ҷайҳун густариш ёфт.

Фурсате, ки халифа барои ба ҳам шӯрондани Амри Саффорӣ ва Исмоили Сомонӣ интизораш буд, фаро расид. Соли 898 халифа Муътазид фармони барканории Исмоилро аз ҳукумати Мовароуннаҳр ва ба ихтиёри Амри Лайс супурдани онро бо ҳадяҳои гаронбаҳо ба Амр фиристод. Инчунин фармони ба Исмоил супурдани ҳукумати Мовароуннаҳру Хуросон ва дастгир кардани Амр низ аз ҷониби Муътазид барои Исмоил фиристода шуда буд [3, 94]. Ин амал сабаби низоъ байни Исмоил ва Амри Лайс гардид. Амр интизор дошт, ки халифа ба ӯ барои мубориза бо Исмоил лашкар ҳам мефиристад, ки чунин нашуд.

Чун Исмоил тасмими ҷанг доштани Амри Лайсро эҳсос кард, бо сипоҳаш ба муқобили Амр ҳаракат кард [4, 452]. Дар муҳорибаи аввал, ки соли 899 дар наздикиҳои Нисо ва Абевард рух дод, лашкари Амр шикаст хӯрда, чанд фармондеҳи ӯ ба дасти Исмоил асир афтоданд. Исмоил бо иззату икром онҳоро сӯи Амр бозпас фиристод ва ин амал сабаби эҳтироми гурӯҳе аз лашкари Амр нисбат ба Исмоил шуд.

Соли 900 Амри Лайс барои ҷанги дуюм бо Исмоили Сомонӣ аз Нишопур сипоҳ фароҳам карда, сӯи Ҷайҳун ҳаракат кард. Дар ҷанги дуюм, ки дар наздикиҳои Балх рух дод, Исмоил лашкари Амрро шикаст дода, худи ӯро асир гирифт ва ба Бағдод фиристод. Пас аз ин ғалаба тамоми қаламрави давлати Саффориён дар тобеияти Исмоили Сомонӣ қарор гирифт [2, 334].

Наршахӣ навиштааст, ки чун амир Исмоил Амри Лайсро наздики халифа фиристод, халифа маншури Хуросон ба вай фиристод ва аз Ақабаи Ҳулвон ва вилояти Хуросон ва Мовароуннаҳру Туркистон ва Синду Ҳинд ва Гургон ҳама ӯро шуд [1, 165].

Дар охири соли 900 амир Исмоил ба Табаристон лашкар кашида, ҳокими он Муҳаммад ибни Зайдро, ки бо 20 ҳазор лашкар муқобили сипоҳи Исмоил ба ҷанг омада буд, шикаст дод ва худи Муҳаммад ибни Зайд дар ҷанг кушта шуд. Дар Табаристон ҳанӯз аз замони Тоҳириён (соли 864) ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ оғоз шуда, боиси таъсиси давлати алоҳида гардида буданд. Ҳокимони ин давлат, ки бо номи Алавиён шинохта мешуданд, пайравони мазҳаби шиа буда, мухолифони сиёсии хилофати Аббосӣ ва мусалламан давлати Сомониён ба ҳисоб мерафтанд. Бо барҳам додани давлати Алавиён, Исмоил хатари мухолифони сиёсӣ ва мазҳабии худу Аббосиёнро бартараф карда, қаламрави давлати худро дар самти ғарб густариш дод [3, 97].

Соли 901 халифа Муътазид фармони ҳукумати Хуросон ва Гургону Табаристонро бо ҳадяҳои бисёр барои Исмоил фиристод ва аз ин вақт Хуросон расман ҳайати давлати Сомониён шумурда мешуд [5, 502]. Бо марги Муътазид дар соли 902 писари ӯ Муктафӣ (902–908) фармони ҳукумати Исмоилро дубора таъйид карда, ҳукумати Рай, Қазвин ва Занҷонро низ ба ӯ супорид.

Дар замони ҳукумати Исмоил ибни Аҳмад ҳудуди ҷуғрофиёии давлати Сомониён сарзаминҳои васеъро фаро гирифта, аз шимол – водии дарёи Талас, дар ҷануб то Сиистон, аз шарқ – марзҳои Туркистони Шарқӣ ва Синд, дар ғарб то Эрони Марказӣ мерасид. Дар умум ин ҳудудро бо андозаҳои имрӯзӣ баён кунем, он 2,8 млн $км^2$-ро ташкил мекард. Исмоили Сомонӣ бо дароят ва хирадмандӣ тавонист дар ин сарзамини паҳновар давлати қудратманду мутамарказро таъсис диҳад. Тамоми талошҳои Исмоил ҷиҳати таъмини бехатарии дохилӣ ва хориҷии мамлакат натиҷаи мусбат доданд ва ӯ имкон ёфт, ки ба ташкили дастгоҳи идории муташаккил ва сипоҳи муназзам пардозад.

Ба ин восита кулли сарзаминҳои тоҷикнишин муттаҳид шуда, давлати мустақил таъсис дода шуд. Барҳам хӯрдани ҷангҳои дохилӣ, рафъи хатари ҳуҷумҳои ғоратгаронаи қабоили турк шароити мусоиди иқтисодӣ фароҳам оварда, барои рушди илму фарҳанг замина муҳайё карданд. Исмоил бо ташкили лашкари доимӣ ва муназзам, сохтмону таъмири деворҳои мудофиавии пурхарҷро, ки андозҳои бештар бар сари омма бор мекарданд, манъ кард. Таҳқиқоти бостоншиносии охир нишон доданд, ки деворҳои мудофиавии маъруфи Варахша маҳз аз замони Сомониён дигар таъмиру бозсозӣ нашуданд, ҳарчанд худи шаҳр хеле обод ва қобили зист буд. Зеро дар шароити мавҷудияти сипоҳи нирӯманд ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ба иншоотҳои мудофиавии серхарҷ эҳтиёҷ намонда буд [2, 336].

Пойтахти давлати Сомониён – Бухоро дар ин давра яке аз ободтарин шаҳрҳо ва бузургтарин маркази илмию фарҳангии ҷаҳони он рӯз буд. Мустақилияти иқтисодию сиёсӣ ва қудрати кофӣ ба Исмоил имкон дод, ки забони форсии дариро забони расмии давлатӣ эълон намояд.

Дар пажӯҳишҳои донишмандон зимни додани маълумот дар хусуси ҳудуди давлати Сомониён, вилояти Ғур дар қатори Ҳирот ва Ғарҷистон аз тавобеи ин давлат гуфта шудааст [6, 47; 2, 341, 354]. Аммо дар тамоми харитаҳои осори илмии марбут ба давлати Сомониён вилояти Ғур

берун аз ин давлат нишон дода мешавад. Вилояти Ғур ҳарчанд сокинонаш ба ислом нагаравида буданд, аммо аз лиҳози маъмурӣ тобеи волии Ҳирот буданд. Ҳодисаи хуруҷи Бӯбилол дар ин навоҳӣ ва пахш шудани исён тавассути лашкари амир Исмоил далели собити тобеияти Ғур ба давлати Сомониён аст.

25 ноябри соли 907 амир Исмоил вафот кард ва ба ҷои ӯ писараш Аҳмад ибни Исмоил (907–914) амири давлати Сомониён шуд. Амир Исмоил аз худ давлати мутамарказ, сипоҳи қудратманд ва аз лиҳози иқтисодӣ ва фарҳангӣ рушдакардаро ба мерос гузошт.

Баъди ба тахт нишастани Аҳмад ибни Исмоил дар чанд шаҳру навоҳӣ исёнҳо бархоста, ба ноҳияҳои марзӣ низ аз ҷониби ҳамсоягон дастандозиҳо ба назар мерасид. Аҳмад мехост бо лашкар сӯи Рай равад ва ҳокимони исёнкардаи онро шикаст дода, тасаллути худро бар Табаристону Рай собит созад. Нахуст ӯ ба Самарқанд рафт ва амаки худ – Исҳоқ ибни Аҳмадро, ки дар сар фикри мустақилият дошт, боздошт кард [7, 148]. Чун Аҳмад аз мушкилоти дохилии хонаводагӣ фориғ шуд, мақсад гузошт, ки вилоятҳои шӯридаро аз нав тобеъ кунад. Бо ин сабаб худ ба Нишопур омад ва аз он ҷо ба Рай рафта, лашкаре барои фатҳи Гургону Табаристон фиристод. Волии Рай ва Табаристон – Бориси Кабир, ки замони аморати Исмоил аз ҷониби ӯ таъйин шуда буд, аз Рай фирор кард ва ин вилоятҳо дар ихтиёри амир Аҳмади Сомонӣ боз гаштанд. Аҳмад ҳукумати вилоятҳои мазкурро ба Абдуллоҳ ибни Нӯҳ супорид. Солҳои 910–911 аз самти шимоли баҳри Хазар русҳо пайваста ба вилоятҳои соҳили ҷануби он (асосан ба бандари Обаскун) ҳамла карда, молу мулки мардуми маҳаллиро тороҷ мекарданд. Абдуллоҳ ибни Нӯҳ соли 911 лашкари худро фароҳам карда, русҳоро ғофилгир намуд ва шумори зиёде аз ононро нобуд кард. Аммо пас аз вафоти Абдуллоҳ ибни Нӯҳ (911) ҳамлаҳои русҳо болои мардуми маҳаллӣ авҷ гирифт.

Дар ҳамон соли 911 хабари исён дар Сиистон бо роҳбарии бародарзодаи Яъқуби Лайс – Муъаддал ибни Алӣ ба амир Аҳмад расид. Ӯ аз Нишопур ба Ҳирот омада, барои саркӯб кардани исёни Сиистон лашкари худро бо сарварии Ҳусайни Марврӯдӣ, Аҳмад ибни Саҳл, Муҳаммад ибни Музаффар ва Симҷӯри Давотӣ фароҳам кард. Амир Аҳмад сипоҳи Муъаддал ибни Алиро шикаст дода, шаҳри Бустро фатҳ карда, Мансур ибни Исҳоқро волии Сиистон таъйин кард. Аз ин вақт, Сиистон аз ихтиёри Саффориён берун рафт [8, 139].

Пас аз ин пирӯзиҳо дар Табаристону Сиистон, Аҳмад ибни Исмоил ба халифаи Бағдод нома навишта, аз ӯ ҳукумати Кирмону Форсро талаб кард ва танҳо Кирмон ба ӯ дода шуд [9, 1253].

Дар солҳои охири ҳукумати Аҳмади Сомонӣ вазъи сиёсии вилоятҳои Табаристон ва Сиистон боз ошуфта шуд. Солҳои 913–914 волии нави Сомониён дар Табаристон – Муҳаммади Суълук барои қатъи ғоратгарии мунтазами русҳо маҳорати кофӣ надошт ва ҳам натавонист ба дастгирии мардуми маҳаллӣ ноил шавад. Чунин вазъи ногувори мардум заминаи сар задани ошӯби навбатиро фароҳам мекард. Мубаллиғони шиа бо сарварии Ҳасан ибни Алии Утруш (Носир Кабир), ки дар замони амир Исмоил ҳукумати Табаристонро аз даст дода буданд, фурсати муносиб барои барқарор кардани ҳукумати худро ёфтанд. Сипоҳе, ки Аҳмади Сомонӣ барои ҷанг бо Носир Кабир фиристода буд, дучори шикаст шуд. Амир Аҳмад сипоҳи 40 ҳазорнафарие гирд оварда, мехост худ ба Табаристон биравад. Ин замон, писари амаки Аҳмад – Мансур ибни Исҳоқ, ки волии Сиистон таъйин буд, бо рафтори ношоистааш сабабгори сар задани исёни навбатӣ дар соли 913 шуд. Аҳмади Сомонӣ Ҳусайни Марврӯдӣ ва Симҷӯри Давотиро боз ба Сиистон фиристод, ки исёнро хомӯш карданд. Мансур ибни Исҳоқ аз умури Сиистон маъзул ва ба Нишопур ҳоким таъйин шуда, ба ҷои ӯ Симҷӯри Давотӣ волии Сиистон шуд. Ин амал норозигии Ҳусайни Марврӯдиро ба бор овард. Дар чунин амир Аҳмад ба дасти чанд нафар аз ғуломони худ кушта шуд [1, 169].

Аҳмад ибни Исмоил давлати орому мутамарказеро, ки аз падар ба мерос гирифт, дар давоми ҳафт сол барои пойдорию тамомияти арзии он кӯшиш намуд. Самараи кӯшишҳояш буд, ки вилояти Кирмон ба қаламрави давлати Сомониён ҳамроҳ шуд. Ҳамроҳшавии Кирмон ба ҳайати давлати Сомониён марзҳои ин давлатро дар ҷануб то Халиҷи Форс густариш дода, роҳро барои тиҷорати баҳрӣ боз кард. Аммо аҳамияти роҳҳои баҳрӣ аз самти Халиҷи Форс дар он рӯзгор ба ҳадди имрӯзӣ бузург набуд. Зеро нақши калидиро дар он вақт бандарҳои баҳри Миёназамин соҳиб буданд ва барои давлати Сомониён Роҳи Бузурги Абрешим муҳимтар аз роҳҳои баҳрии қаламравҳои ҷанубиаш буд.

Исёнҳое, ки Табаристон ва Сиистонро дар замони фавти амир Аҳмад фаро гирифтанд, эҳтимоли аз даст рафтани вилоёти мазкурро бештар мекарданд. Аммо ворисӣ тахти Сомониён писари Аҳмад ибни Исмоил – Наср ибни Аҳмад (914–943) муваффақ шуд пойдории давлати худро нигоҳ дорад. Замоне ки Наср (Насри II) амири давлати Сомониён шуд, ҳамагӣ ҳашт сол дошт. Зимоми кори давлатро вазири донишманди Сомониён – Абдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ дар

ихтиёр гирифта, Ҳамӯя ибни Алӣ сипаҳсолор таъйин гардид. Ҷайҳонӣ олими забардасти соҳаи ҷуғрофиё, фалсафа, мунаҷҷими асри X тоҷик ба шумор мерафт. Ӯ таввасути дониши баланд ва кордонии хеш тавонистааст, ки ба мубориза ҳои дохилии хонадони Сомониён хотима дода, исёнҳоеро, ки заминдорону амалдорон дар маҳалҳои гуногун бардошта буданд, пахш карда, аз нав замони давлатдории Исмоилро эҳё намояд. Аҳмади Ҷайҳонӣ ва Ҳамӯя ибни Алӣ бо хидматҳои бузурги худ тавонистанд давлати Сомониёнро бо марзҳои густурдааш ҳифз намоянд.

Дар тӯли шаш соли аввали ҳукумати Насри дуюм (914–920) кӯшишҳои баъзе фармонравоёни маҳаллӣ барои касби мустақилият аз амири Сомонӣ, ба хусус дар Самарқанд, Фарғона, Ҳирот ва Нишопур ба шикаст дучор шуд. Аммо аз соли 915 ҳукмронии фаъоли Сомониён дар Сиистон ба мушоҳада намерасад [10, 326].

Миёни солҳои 914–928 Рай ва Табаристону Гургон вазъи хеле ошуфта доштанд. Ҳамлаи ҳокими Озарбойҷону Арманистон – Юсуф ибни Абисоҷ аз як тараф, ҷангҳои ҳокимияттталабии алавиён аз тарафи дигар, ин минтақаро ба макони бархӯрди манфиатҳо табдил дода, онро аз зери итоати Сомониён берун карда буд. Ба ин сабаб амир Наср барои муътадил кардани вазъ дар манотиқи ғарбии давлаташ муддате дар Нишопур зиста, сипоҳи муҷаҳҳазро бо сарварии Ҳамӯя ибни Алӣ барои тобеъ кардани Рай ва Гургону Табаристон фиристод. Илова бар ин, амир Наср аз зиддиятҳои байниҳамдигарии сардорони маҳаллии манотиқи мазкур истифода карда, ҳокимияти Сомониёнро мустаҳкам мекард. Вақте дар ҷангҳои байнихудии сардорони Табаристону Гургон Асфор ибни Шерӯя (бо дастгирии амир Наср) ғолиб шуд, дар Рай, Табаристон, Қазвин, Қуму Кошон хутба ба номи амир Наср хонда шуд [10, 328].

Соли 930 замони дар Нишопур будани Наср, дар Бухоро фитнае рух дод, ки дар он исмоилиён ва баъзе аз ҷонибдорони ҳуруфия дар он даст доштанд. Бародарони Наср ҳам, ки вай онҳоро аз бими шӯриш дар куҳандижи шаҳр ҳабс карда буд, ба ин моҷаро пайвастанд. Бародарони Наср – Яҳё, Мансур ва Исҳоқ ҳамроҳ бо зиндониён, аз шумули дайламиёну алавиён хазинаҳо ва коххои Насрро ғорат карда, дастае аз сарбозонро ба соҳили Ҷайҳун фиристоданд, то нагузоранд амир Наср сӯи Бухоро ояд [3, 105]. Бо тадбири вазири донишманд Абулфазли Балъамӣ моҷаро хотима ёфт, амир ба Бухоро омад ва бародаронаш Мансуру Иброҳим бо ӯ созиш карданд. Аммо Яҳё фирор карда, аввал ба Балх, сипас ба Марву Нишопур рафта, бо ҳамроҳии Муҳаммад ибни Илёс исён бардошт. Вале амир Наср ин иттиҳодро шикаст дод ва сарони он – Муҳаммади Илёс ба Кирмон ва Яҳё ба Сиистон фирор карданд. Баъдан Яҳё аз ҷониби амир Наср афв гардид ва муттафиқи ӯ – Қаротакин ба вилояти Балх ҳоким таъйин шуд.

Гардезӣ навиштааст, ки дар рӯзгори амири Наср ибни Аҳмад воқеаҳои бешумор рух додааст, ки «...бо зикри ҳар кадоми онҳо дафтар ба татвил анҷомад» [7, 154].

Мубориза ҳо барои дастёбӣ ба ҳукумати Гургон, Табаристон ва Рай, ки миёни гумоштагони халифаи Бағдод, сипаҳсолорони Сомонӣ ва фармондеҳони маҳаллӣ ҷараён дошт, дар умум ба нафъи Сомониён анҷомид. Аммо Гургон на аз ҷониби волиёни гумоштаи амири Сомонӣ, балки тавассути сардорони маҳаллӣ идора мешуд. Дар Гургон сулолаи нави маҳаллӣ – Зиёриён, ки худро аз табори Сосониён мепиндоштанд, зуҳур кард. Онҳо дар умури дохилӣ худмухтор буда, аммо солона ба хазинаи давлати Сомониён хироҷ мепардохтанд.

Соли 939 Абубакри Чағонӣ бо сабаби беморӣ аз сипаҳсолории Хуросон канор рафт ва писараш Абуалии Чағонӣ аз ҷониби амир Наср ба ҷои ӯ таъйин шуд. Абӯалӣ тавонист нобасомониҳои вилоёти ғарбии давлати Сомониёнро ба низом оварад ва нуфузи Сомониёнро дар ин навоҳӣ ҳифз кунад [3, 182]. Солҳои охири ҳукумати Насри дуюм Абӯали Чағонӣ дар самти ғарб Ироқи Аҷам (Ҷибол)-ро ҳам фатҳ намуда, ба қаламрави Сомониён ҳамроҳ кард, вале бо шунидани хабари фавти амир Наср ба Хуросон бозгашт [11, 359, 369-370, 388-389].

Лашкаркашиҳои пай дар пай барои пахши исёнҳо ва саркӯбии исёнгарон харҷи зиёдро талаб мекард. Аз ин рӯ дар солҳои охири ҳукумати Наср ибни Аҳмад давлат ба мушкилоти молӣ дучор омад. Ҳамзамон, сарварони ҳаракати қарматия, ки ба дарбори Наср роҳ ёфта буданд, 40 ҳазор дирҳами хазинаро, ки барои товони қатли Ҳусайни Марвазӣ мебоист ба халифаи Фотимӣ фиристанд, аз худ карданд [4, 459]. Барои ҷуброни хисороти воридшуда соли 942 ду маротиба аз аҳолӣ андоз ситонида шуд, ки боиси норизогии сахти онҳо гардид. Иловатан, сарбозони давлат муддати зиёд маош нагирифта буданд ва норозигии онҳо амнияти мамлакатро ба хатар андохта буд. Дар пайи ин воқеҳо гурӯҳе аз фармондеҳони сипоҳ бо иттифоқи рӯҳониён ба ҷони амир Наср сӯиқасд ташкил карданд, ки он ноком анҷомид. Аммо бо фишори онҳо Наср ночор аз тахт даст кашид ва писараш Нӯҳ ибни Наср (943–954), вориси тахти Сомониён мешавад.

Баъд аз Исмоили Сомонӣ дурахшонтарин даврони фармонравоии оли Сомон даврони ҳукумати Насри II мебошад, ки сӣ сол бар Мовароуннаҳру Хуросон амирӣ кард. Бо он ки падари ӯ тайи як сӯйқасд кушта шуд, ҳимояти аҳли девон ва саъю тадбири вазироне чун Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва Абӯфазли Балъамӣ оғози фармонравоии вайро аз ноoромӣ ва бесуботӣ эмин нигаҳ дошт. Насри II ба кӯмаки ин вазирон дар ҳимояти аҳли адаб ва эҳёи фарҳанги тоҷикии форсӣ кӯшишҳо кард.

Хулоса, дар муқоиса бо давраи ҳукумати амир Исмоили Сомонӣ ва Аҳмад ибни Исмоил, ҳудуди давлати Сомониён дар замони Насри II ба таври назаррас тағйир наёфт. Танҳо соли 917 Сиистон аз итоати Сомониён берун шуда, дар соли 928 Гургон дар умури дохилӣ мухторият ба даст овард, дар ҳоле, ки дар аҳди Исмоил ва Аҳмад ин ду вилоят бевосита аз Бухоро идора мешуданд. Дар ин давр сипаҳсолорони Хуросон имтиёзи бештаре ба даст оварда, баъзан саркашии онҳо то ҳадде мерасид, ки миёни ҳам барои касби ҳукумат ба мухолифат мепардохтанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. *Наршахӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Таҳияи Ғ.Ғоибов ва Н. Амиршоҳӣ. Душанбе, 2012. –736 с.*
2. *История таджикского народа. Том 2. Эпоха формирования таджикского народа. Душанбе, 1999. – 790 с.*
3. *Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Душанбе, 2011. –1295 с.*
4. *Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Душанбе, 1998.–413 с.*
5. *Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. Дар 13 ҷилд. Баргардони Ҳамид Ризо Ожир. Теҳрон: Асотир, 1382. Ҷ. 7. –514 с.*
6. *Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. Душанбе: Ирфон, 1989. –280 с.*
7. *Гардезӣ, Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор. Бо муқобалаву тасҳеҳ ва таҳшияву таълиқи Абдулҳайи Ҳабибӣ. -Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1347, ҳ. ш. – 733 с.*
8. *Ҳиравӣ Ҷ. Эрон дар замони Сомониён. Шероз 1371 ҳ.ш. –536 с.*
9. *Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русул вал мулук. Дар 8 китоб. Душанбе. 2014. Китоби 8. –808 с.*
10. *Амиршоҳӣ Нурмуҳаммад. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV. Душанбе, 1998. –1008 с.*
11. *Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. Дар 13 ҷилд. Баргардони Ҳамид Ризо Ожир. Теҳрон: Асотир, 1382. Ҷ. 8. –413 с.*

| | |
|---|---|
| ***ФАЪОЛИЯТИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ*** | ***САЙДАМИРЗОДА Амирҷони Сайдмаҳмуд,*** *докторанти PhD – и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)* |
| ***МЕЖДУНАРОДНЫЕ МЕЖПАРЛАМЕНТСКИЕ ОТНОШЕНИЯ*** | ***САЙДАМИРЗОДА Амирджони Сайдмахмуд,*** *PhD докторант Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша АН Республики Таджикистан, (Таджикистан, Душанбе)* |
| ***INTERNATIONAL INTERPARLIAMENTARY RELATIONS*** | ***SAYDAMIRZODA Amirjon Saydmahmud,*** *doctoral student of the Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. (Tajikistan, Dushanbe)* ***E - MAIL:*** *Amir-94s@mail.ru.* |

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, парламенти касбӣ, Маҷлиси Олӣ, аъзои Маҷлиси намояндагон, робитаҳои байнипарлумонӣ, ИДМ.*

*Дар мақола таърихи таъсису ташаккули парлумони касбӣ ва инчунин равобити байналмилалии байнипарлумонӣ инъикос гардидааст. Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули Конститутсияи мамлакат, заминаҳои ташаккулёбии парлумони касбӣ ва махсусан фаъолияти Ассамблеяи парлумонӣ меҳвари асосии мавзӯи таҳқиқотшаванда ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, профессиональный парламент, Маджлиси Оли, члены Маджлиси намояндагон, межпарламентских связей, СНГ.*

*Статья отражает историю и создание профессионального парламента, а также международных межпарламентских отношений. Главным содержанием темы является XVI-сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, принятие Конституции страны, создание профессионального парламента и особенности функционирования Парламентской ассамблеи.*

***Key words:*** *Leader of the nation, professional parliament, Majlisi Oli, members of the Majlisi Namoyandagon, interparliamentary relations, the CIS.*

*Article is reflected the history and creation of a professional parliament, as well as international inter-parliamentary relations. The key-note of theme is the 16-th session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, the adoption of the country's Constitution, the creation of a professional parliamentary and features of the functioning of Parliamentary Assembly.*

Дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС ва истиқлолияти миллӣ дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ омад.

Бояд қайд намуд, ки то соли 2000-ум тамоми проблемаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро намояндагони халқ, ки статуси касбиро надоштанд дар иҷлосияҳои Маҷлиси Олӣ ҳал менамуданд.

Соли 1994 Тоҷикистони соҳибистиқлол Конститутсияи худро қабул намуда, сиёсати дохилӣ ва хориҷиро бо роҳи мустақлилият пеш мебурд. Албата барои қабул намудани чунин як санади меъёри ҳуқуқӣ – Конститутсия дар он рӯзҳои ниҳоят душвор кори саҳлу осон набуд, зеро саросари мамлакатро оташи ҷанг фаро гирифта буд. Хушбахтона, бо талошҳои бевоситаи Ҳукумати кишвар, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пеши роҳи ҷанг гирифта шуд. Дар натиҷаи воқеаҳои сиёсӣ саҳнаи сиёсии ҷамъият амалан холӣ монда, созмонҳо ва ташкилотҳои омавии пешазҷангӣ бефаъолият шуданд ва созмонҳои нав, ки битавонанд ба хотири пешрафти ҷомеа ба ҷаҳду талоши воқеии халқ роҳбару раҳнамо шаванд, ҳанӯз ба вуҷуд наомада буданд.

Баъд аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ, Раиси навинтихоби Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардонидани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯъи музокирот ба мухолифини собиқ равона кард. Маҳз Иҷлосияи XVI пояҳои ҳокимияти конститутсиониро дар Тоҷикистон мустаҳакам намуд ва заминаҳои ба вуҷуд омадани ҷомеаи сирф демократиро фароҳам овард. Пас аз иҷлосияи мазкур мардум гумон доштанд, ки раиси тозаинтихоби он аз ноилоҷӣ шояд моҳҳо дар Хуҷанд бимонад. Зеро дар пойтахт вазъият бениҳоят бад буда, нуфузи қувваҳои мухолифин рӯз то рӯз меафзуд. Бесарусомониҳои пойтахт ва баъзе минтақаҳои кишвар аз қабили Қӯрғонтеппа ва Вахшу Бохтарро дида, кас бовар намекард, ки ҳукумати қонунӣ ба ин наздикӣ давлатро соҳиб мешавад. Зеро воқеоти қаблӣ, ба қатл расидани роҳбарону мансабдорони воломақоми ҳизбию давлатӣ, бесарусомонӣ, задухурдҳои бераҳмона ва кушташудани ҳазорон нафар шаҳрванд умеди мардумро аз сулҳ ва ваҳдат канда буд.

Соли 1999 дар Конститутсия бо тариқи раъйпурсӣ ва умумихалқӣ тағийру иловаҳо ворид карда шуданд. Таъсиси Парламенти касбӣ, яъне Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ самараи ҳамин ҳисобидан мункин аст, ки то имрӯз дар мамлакат қонуну қарорҳои зиёдеро таълиф ва қабул намудааст.

Аз соли 2000-ум то ин ҷониб, ба воситаи фаъолият ва иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимамалкунанда ва касбӣ мебошанд, ҳалли мушкилиҳои байналмилалӣ ва муносибатҳои байнипарлумонӣ дар кишвар ба роҳ монда шудааст.

Робитаҳои байналмилалӣ ва ҳамкориҳои байнипарламентии Маҷлиси намояндагон аз сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаи Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамзистии осоишта сарҷашма мегиранд [1, 217].

Мавриди зикр аст, ки таъсис додани парлумони касбӣ дар он замон як падидаи нав дар сиёсати қонунгузории мамлакат ба ҳисоб мерафт. Парлумони касбӣ фаъолияти худро расман аз соли 2000-ум оғоз намуд. Дар ин давра вакилон доир ба устувор намудани робитаҳои байналмилалии байнипарлумониро пурзӯр намуданд.

Фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар бахшҳои робитаҳои байнипарламентӣ ва хориҷӣ дар савияи баланди касбӣ ва дар асоси талаботи меъёрҳои муқарраршуда сурат гирифта истодааст. Зеро робитаҳои байналмилалӣ ва байнипарлумонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати дохилӣ ва хориҷии Асогузори сулҳу ваҳдати милли пешвои – миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ ба равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир ворид гаштааст. Бинобар ин истифодаи тамоми василаҳо дар ин самт метавонад ба раванди татбиқи сиёсати хориҷии давлат мусоидат намоянд. Маҳз бо назардошти ҳамин авомил вакилон-аъзои фраксия дар фаолияти байнипарлумонии давлатҳои муштаракулманофеъ, Иттиҳоди Авру Осиё, парлумони Иттиҳоди Аврупо ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ иштироки фаъолона доранд [5, 152].

Робитаҳои байнипарлумонии ҷаҳони имрӯза барои ҳамкории ҳамаҷониба хело мувофиқ ва зарур мебошанд. Зеро раванди ҷаҳонишавии муосир робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсӣ ва дигар самтҳои ҳамкориро ба воситаи парлумонҳо ба роҳ мемонад.

Аз ин лиҳоз вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани мавқеъ ва мартабаи кишвар ва тақвият бахшидан ба раванди робитаҳои хориҷӣ ва байнипарламентӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти худ мешуморанд.

Дар нахустин ҷаласаи расмии Шуроӣ Маҷлиси намояндагон, ки 3 апрели соли 2000-ум баргузор гардид, асосан масъалҳои марбут ба Фаъолияти байнипарламентӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Масъалаҳои «Оид ба пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шомил шудан ба ҳайати комиссияҳои доимии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокии ИДМ» АБПИДМ, «Оид ба пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шомил шудан ба ҳайати комиссияхои доимии Кумитаи байнипарламентии Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қиргизистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тавсияи вакилони халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон (даъвати якум) ба мукофотҳои Ассмаблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ» ва ғайра баррасӣ ва доир ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданад.

Фаъолияти байнипарламентии Маҷлиси намояндагон, мегӯяд С. Хайруллоев, – бештар дар доираи Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ зоҳир мегардад. Ин созмони бонуфуз моҳи марти соли 1992 дар заминаи муоҳидаи ҳамон сол дар Қазокистон ба имзо расидаи роҳбарони парламентҳои Ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия таъсис ёфта буд. Баъдтар ба ин созмон Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Гурҷистон, Украина ва Молдовия низ шомил гардиданд».

Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои аъзои ДМ ИДМ аз моҳи марти соли 1992, яъне аз рӯзи таъсисёбии ин созмони бонуфузи парламентӣ дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба узвияти он шомил шудааст" [4, 127].

Айни замон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои созмонҳои бонуфузи байналмиллаӣ мебошад. Аз ҷумла, Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (аз соли 1992); Иттиҳоди Байнипарламентӣ (аз соли 2005); Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (аз соли 2006); Иттиҳоди Парламентии Созмони ҳамкории исломӣ (аз соли 2007); Ассамблеяи Парламентии Осиёгӣ (аз соли 1999); Ассамблеяи Парламентии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (аз соли 2010). Дар ин созмонҳои бонуфузи парламентӣ, Маҷлиси миллӣ гурӯҳҳои миллии парламентии худро таъсис дода, бо фаъолияти доимӣ ва пурсамар мавқеъи хоссаеро ишғол менамояд" [6].

"Густариши робитаҳои байнипарлумонӣ дар масъалаҳои омӯзиши қонунгузории ин давлатҳо ва истифодаи таҷрибаи мазкур дар фаъолияти қонунгузории вакилон ва таҳкими фазои ҳуқуқии кишвар аҳамияти хосса доранд. Бинобар ин лозим аст, ки аъзои фраксияи ҲХДТ минбаъд низ фаъолияти худро дар ин ҷодаи муҳим тақвият бахшанд.

Ҳамчунин, қабули ҳайати Парлумони Иттиҳоди Аврупо, Комиссияи байнипарлумонии ИДМ оид ба фарҳанг, ҳайати парлумони Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар мулоқоту вохуриҳоро метавон номбар намуд, ки дар самти таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ аҳамияти махсус доштаанд" [5, 152].

"Вобаста ба ин самтҳои фаъолият бояд қайд намуд, ки механизми ба низом даровардашудае, ки аз ҷониби роҳбарияти Маҷлиси намояндагон муайян шудааст, имконият медиҳад, ки ин самти фаъолият низ ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллию давлатӣ ривоҷ дода шавад" [5, 153].

Дар Маҷлиси намояндагон қонунҳое таҳия ва қабул карда шудаанд, ки бо қонунҳои намунавии қабулнамудаи Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мутобиқат менамоянд. Дар навбати худ Маҷлиси намояндагон низ муаллифи чандин қонунҳое мебошад, ки ин созмони байнипарламентӣ қабул намуда, ҳамчун намуна ё қонунҳои моделӣ ба парламентҳои миллии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тавсия кардааст. Чанде аз вакилони Маҷлиси намояндагон барои фаъолияти хуби байнипарламентӣ бо ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сарфароз гардидаанд.

Дар доираи муносибатҳои дуҷониба бошад ҳамкориҳо бо парламентҳои Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Латвия, Литва, Молдова, Беллорус, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва дигар давлатҳои бо ҳам дӯст, дар самти рушди маводи ҳуқуқӣ ва табодули таҷриба робита барқарор намудааст. Феълан тавассути барқарор намудани муносибатҳои шартномавӣ ба теъдоди 25 номгӯй рӯзномаю маҷаллаҳо дастрас мегардад.

Бо мақсади робитаҳои байналмилалӣ аз ҷониби аҳзоби манфиатдор тадбирҳо амалӣ шуда истодаанд. Чунончи, ҲХДТ бо Ҳизби Комунистии Хитой, "Нур Отан"-и Қазоқистон, "Ени Озарбойҷон" ва ташкилоти ҷамъиятии "Белая рус"-и Беларус созишномаҳои ҳамкори ба имзо расонида, табодули кормандонро роҳандози карда истодаанд [5, 153].

"Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои пурмаҳсулу судманд ва гуногунҷабҳаи худ бо парлумонҳои мамолики хориҷӣ ва созмонҳои мухталифи байнипарлумонии ҷаҳон таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин Ассамблея ва Созмонҳои бонуфуз гурӯҳҳои миллии парламентии худро таъсис додааст. Вакилони Маҷлиси намояндагон ба узвияти Комиссияҳои доимии Ассамблеяи Байнипарламентии

давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Иқтисодии Евросиё пазируфта шуда, чанд нафари онҳо дар мақомоти роҳбарикунандаи ин Ассамблея ва Созмонҳо интиҳоб гардидаанд.

Бо мақсади таҳкими муносиботи дуҷонибаи парламентӣ гуруҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо парламентҳои Ҷумҳуриҳои Хитой, Ҷопон, Ветнам, Покистон, Туркия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҳиндустон, Куба, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Белорус, Арманистон, Қирғизистон, Олмон, Корея, Озарбойҷон ва Комиссияи байнипалатагии парлумонӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Думаи давлатии Маҷлиси Федеролии Федератсияи Россия таъсис дода шудааст [6].

Дар доираи созмони мазкур аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳо, аз ҷумла Паймони Измир, Созишнома оид ба тиҷорати транзитӣ дар минтақаи Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ, Созишномаи сиғавии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ оид ба ҳамлу нақли транзитӣ, Созишномаи тиҷоратии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ, Оинномаи Донишкадаи фарҳангии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ, Оинномаи Бунёди илмии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Оинномаи Донишкадаи маорифи Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ тасдиқ гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ бо кишварҳои аъзо дар бахшҳои тиҷорат, нақлиёт, энергетика, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, кишоварзӣ, саноат, телекоммуникатсия, фарҳанг ва маориф ҳамкориҳои густурдаро ба роҳ мондааст.

Фаъолияти байнипарламентӣ ва робитаҳои берунии Маҷлиси намояндагон низ ҳамчун бахши муҳими фаъолияти Маҷлиси намояндагон ҷараён гирифт. Дар тӯли фаъолияти худ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз оғози кории он 18 сол сипари мегардад муносибатҳои байнипарламентии МН МОҶТ бо бисёр парламентҳои кишварҳои дунё ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ робитаҳои кории мустаҳкам барқарор намуд. Обрӯ ва нуфузи Парламенти Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ афзун гардид.

Даъват ва иштироки ҳайатҳои байнипарламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бисёр кишварҳои дунё далели ин аст. Дар ин давра бисёр вохӯрию қабули расмии Раиси Маҷлиси намояндагон, муовини якум ва муовинони ӯ, раисони кумитаҳо, вакилони Маҷлиси намояндагон бо ходимони намоёни давлатӣ, сафирони фавқулодда ва мухтори давлатҳои хориҷӣ, намояндагони созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ баргузор гардиданд. Мулоқотҳои роҳбарияти Маҷлиси намояндагон бо ҳайатҳои баландрутба – президентҳои Ҳиндустон, Эрон, Хорватия, Қазоқистон, Туркия, Украина, Хитой, раисони парламентҳои Эрон, Ҳиндустон, Федератсияи Русия ва дигар кишварҳо, бо сафирони фавқулодда ва мухтори давлатҳои хориҷӣ, роҳбарони созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ аз ҳамин қабиланд.

Маҷлиси намояндагон ҳар сол нақшаи робитаҳои байналмилалӣ ва байнипарламентиро бо парламентҳои давлатҳои дигар қабул мекунад. Лоиҳаи чунин нақшаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон бо назардошти фикру мулоҳизаи фраксия ва гурӯҳҳои вакилон таҳия мекунанд [1, 217].

Хулоса Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самари Созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон, нахустин парламенти касбии тоҷик ва мактаби навини намояндагӣ ва қонунгузорӣ зуҳур намуда, ҷиҳати ҳарчи бештар таҳким бахшидани пояҳои сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушду нумӯи тамоми бахшҳои ҷомеаи Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт.

## ПАЙНАВИШТ:


1. *Вакилони халқ 1938 – 2010. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 786 с.*
2. *Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии (парламенти) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 241 с.*
3. *Маром ва мақоми намоянда. – Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 364 с.*
4. *Садои мардум. Гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров роҷеъ ба фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати чорум дар давраи аз 3 октябри соли 2012* то *28 июни соли* 2013. *№81-82 (3066-3067). 1 Июл, 2013.*

5. *Сайдулло Хайруллоев. Мақоми олии қонунгузор. - Душанбе, 2010. – 138 с.*
6. *Симпозиуми ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши таърихии иҷлосияи 16 - уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории тоҷикон». – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 108 с.*
7. *Сайдулло Хайруллоев. Асри қонун. - Душанбе, 2005. – 458 с.*
8. *Усмонҷон Ғаффоров. Сайдулло Хайруллоев. Душанбе: Адиб, 2012.*
9. *Эмомали Раҳмон. Бист қадами созанда. - Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 152 с.*
10. *Эмомали Раҳмон: Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. Ҷилди 2-3, – 702 с.*
11. *http://majmilli.tj*

# АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСЁБИИ ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ РАШТ

***МАХСУДОВ Аслиддин Муҳаббатович,***
*докторанти PhD – и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, ноҳияи Рашт)*

# ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

***МАХСУДОВ Аслиддин Мухаббатович,***
*PhD докторант Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша АН Республики Таджикистан, (Таджикистан, Раштский район)*

# FROM THE HISTORY OF THE CREATION OF THE TAJIK PEDIGOGICAL INSTITUTE IN THE RASHTK DISTRICT

***MAKHSUDOV Asliddin Muhabbatovich,***
*doctoral student of the Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. (Tajikistan, Rasht region)*
***E - MAIL:*** *makhsudov@inbox.ru.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Рашт, донишкада, маълумот, донишҷӯён, кори илмӣ, омӯзгор, равияи таълим.*

*Дар мақола таърихи ташкили Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва расмӣ таъсиси аввалин донишкадаро дар минтақаи Рашт ба қалам додааст.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан**,** Рашт, институт, образование, государство, студенты, научная работа, преподаватель, учебный процесс*

*В статье рассматривается история создания Таджикского педагогического института в Раштском районе. Автор на основе научной литературы и популярной источников раскрывает основные этапы создания первого вуза в Раштском регионе.*

***Key words:*** *Tajikistan, Rasht, institute, education, states, students, scientific works, teacher, educational process.*

*The article deals with the history of the establishment of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. The author, on the basis of scientific and memoir literature and sources, disseminates the main stages of the creation of the first university in the Rasht region.*

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуда, айни замон дар тарбияи кадрҳои омӯзгории водии Рашт ва ҳамчунин минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ нақши муассир дорад. Ташкили донишкада дар минтақа зарурати таърихӣ буда, дар рушди маориф, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳкими Ваҳдати миллӣ аҳамияти вижа дорад.

Агар ба гузаштаи мактабу маориф дар замони Шӯравӣ нигоҳ кунем, нахустин макотиби замонавӣ дар Ғарм соли 1925 ташкил шуда, дар андак муддат бахши маориф ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ба назари мо бузургтарин дастовард дар бахши маорифи солҳои 30-юми асри XX, ин ташкил намудани Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Ғарм (ҳозира Рашт) мебошад. Ин омӯзишгоҳ соли 1932 ташкил гардида, имсол фаъолияти он ба 86 сол пур мешавад. Дар давоми фаъолияти худ омӯзишгоҳи мазкур дар таъмини мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои макотиби водии Рашт ва дигар музофотҳои кишвар, инчунин барои таъмини мактабҳои тоҷикони ҷумҳуриҳои Узбекистону Қирғизистон бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нақши таърихӣ доштааст. Таълиму тадрис замони Шӯравӣ дар ин омӯзишгоҳ хуб ба роҳ монда шуда буд, ки дар натиҷа аксари хатмкунандагони он баъди хатми омӯзишгоҳ ба мактабҳои олии омӯзгории шаҳри Душанбе ва Қурғонтеппа дохил шуда, соҳиби маълумоти олӣ гардиданд. Ҳоло омӯзишгоҳи мазкур бо он ифтихор мекунад, ки аз дастпарварони он 2 нафар ба дараҷаи академикӣ ва 40 нафар номзаду доктoрони илм ба воя расидаанд. Айни замон аксари хатмкунандагони омӯзишгоҳ (айни замон Коллеҷи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт) таҳсилоти олиро дар назиктарин маҳалли зист Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мегиранд, ки ин аз самари истиқлолияти давлатии Тоҷикистон манша мегирад.

Ифтитоҳи мактаби олии омӯзгорӣ дар минтақаи шарқи Тоҷиқистон падидаи нек ва олӣ буда, заминаҳои таърихии худро дорад. Собиқ мудири маорифи Рашт Муллоҷон Аҳмадов мегӯяд, ки ғояи ташкил намудани мактаби олии омӯзгорӣ дар Рашт ҳанӯз дар соли 1989 ба миён омада буд. Ба гуфтаи ӯ, дар охирҳои солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ бо вуҷуди ғамхориҳо нисбати омӯзгорон, норасоии муаллимон дар макотиби водии Рашт ба назар мерасид. Дар баъзе макотиби навоҳии водии Рашт муаллимони ҷавон аз дигар минтақаҳои кишвар, ки он ҷо макотиби олии омӯзгорӣ амал мекарданд, даъват мешуданд. Бо ин ҳама, - меафзояд Муллоҷон Аҳмадов, ин ҳолат норасоии кадрҳои омӯзгориро наметавонист ба пуррагӣ барорад. Чунин як пешниҳод ба гуфтаи ӯ, бо далели набудани базаи моддиву техникӣ барои масъулини Вазорати маорифи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ғайримкон ҳисобида шуд.

Танҳо соли 1992 имконият даст дод, то аввалин филиали Донишгоҳи омӯзгории Душанбе дар ноҳияи Ғарм (ҳозира Рашт) ташкил карда шавад. Мирзохоҷа Пиров нахустин декани факултети филологияи филиал дар ин бора менависад: "Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон фармон ирсол намуд ва се шуъбаи рӯзона: филологияи тоҷик, таърих, математика, инчунин як гурӯҳ аз Донишгоҳи техникии Тоҷикистон кушода шуд" [1, 78].

Мирзохоҷа Пиров, ки номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи адбиёти тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ буд, сарвари он интихоб гардид. Шуъба фаъолияти худро дар заминаи базаи омӯзишгоҳи педагогии шаҳраки Навобод оғоз кард. Мувофиқи гуфтаи Мирзохоҷа Пиров: "Таълими донишҷӯён дар шаҳраки Навобод ва сипас дар шаҳраки Ғарм оғоз ёфт, ки 360 нафар донишҷӯ аз устодони филиал таълим мегирифтанд" [1, 78]. Ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ солҳои душвор буданд, Мирзохоҷа Пиров навиштааст, ки мардум ҳамаҷониба филиалро дар шаҳраки Навобод дастгирӣ мекарданд: "Дар Санги Кар (деҳае дар наздикии шаҳраки Навобод, - М.А.) бо дастгирии раиси ноҳия О. Бобоҷонов ошхона, нонвойхона ташкил намудем, ки ба ҳар донишҷӯ ва устод дар рӯз як дона нони кулча мерасид. Инчунин, як қисми одамон хайру саховаташонро ба мо арзонӣ медоштанд" [2, 11].

Асосан, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ба он далолат мекунанд, ки воқеан барои ташкили мактаби олии омӯзгорӣ дар Рашт заминаҳо мавҷуд буданд. Зеро аз як ноҳияи Рашт нафарони зиёди соҳибунвон дар риштаҳои омӯзгорӣ ба воя расиданд ва бо ташкили филиал бархе аз ин устодон ба тадрис ҷалб шуданд: Мирзохоҷа Пиров, (номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сарвари филиал), Акбар Шарифов (номзади илмҳои филологӣ, дотсент), Алишоҳ Шомаҳмадов (номзади илмҳои физика-математика, дотсент), Муродбек Одилов, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент), Насрулло Исоев (номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент), Муҳаббат Қосимов (номзади илмҳои педагогӣ, дотсент) ва инчунин муаллимони калони соҳибтаҷриба, ки солҳои зиёд дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ дарс дода буданд: Довуд Эшонов, Бегиҷон Эшонов; ассистентон Ҳотам Маҳрамов, Маҳмадӣ Ҳасанов, Маҳмудҷон Хоҷаев ва дигарон. Аксари омӯзгорон таҷрибаи калони педагогӣ дошта, муаллифу мураттиби китоб, дастурҳои илмиву методӣ ва мақолаҳои зиёди илмӣ-оммавӣ буданд. Масалан, Мирзохоҷа Пиров муаллифи 12 китоби таълимӣ-методӣ, 73 мақолаи илмӣ-методӣ ва ҳамзамон яке аз муаллифони китоби "Адабиёти тоҷик" барои синфи 5 мебошад.

Солҳои 1992 – 1994 рӯз то рӯз авзои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ печида мегардид ва аз ҳисоби сокинони водии Рашт дар макотиби олии ҷумҳурӣ нафарони кам таҳсил мекарданд. Танҳо ФДДОТ ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ба номи С. Айнӣ) дар ноҳияи Рашт метавонист ҷойҳои холии макотиби ин минтақаро бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намояд. Дар соли якум 360 нафар ба ФДДОТ дар ноҳияи Ғарм қабул гардиданд, ки 41 нафари онҳо духтарон буданд. Дар китоби "Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накукор аз Раштонзамин" омадааст: "Ҳатто ба афроди раҳгумзада, ки силоҳ ба даст гирифта буданд, мулоқотҳо анҷом додам ва натиҷаи чунин амал ҳамин шуд, ки баъзеҳо ба ҷойи силоҳ қалам ба даст гирифтанд" [2, 9].

Машғулиятҳо бисёр хуб мегузаштанд ва филиал аз тарафи раиси ноҳияи Рашт Орифҷон Бобоҷонов пурра дастгирӣ медид. Аммо вазъи бадисиёсӣ боиси он шуд, ки филиал дар таърихи 3-юми апрели соли 1993 бо фармони раиси ноҳия Баҳриддин Музаффаров аз Навобод ба Ғарм кӯчонида шавад. Лекин бо назардошти базаи мустаҳкаму таҷрибаи зиёди навободии омӯзишгоҳи омӯзгорӣ боз филиал аз Ғарм ба Навобод интиқол дода шуда, сарвари омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рашт Муллоҷон Аҳмадов дар як давра роҳбари филиал таъйин мегардад. Аммо вазъи на чандон хуби сиёсӣ боис мегардад, ки аз 1-уми сентябри соли 1995 фаъолияти филиали ДДОТ дар ноҳияи Рашт муваққатан қатъ гардад [2,10]. Боиси таассуф аст, ки аксари донишҷӯёни филиали мазкур дар он солҳои мураккаб бо сабабҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ натавонистанд таҳсилоти худро дар Душанбе идома диҳанд. Аксари ҷавонон муҳоҷирати меҳнатиро ихтиёр

намуданду духтарону бонувон таҳсилотро қатъ карданд, бинобар ин ҳамагӣ 30 нафар барои таҳсил ба ДДОТ ба номи С. Айнӣ рафтанд.

Пас аз 7 сол, санаи 22-июни соли 2002 дуюмбора фаъолият ФДДОТ ба номи Қ. Ҷураев дар ноҳияи Рашт содир мешавад.

Аз соли таҳсили 2002-2003 дар ноҳияи Рашт шуъбаи таълими ғоибонаи факултети таърих ва филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Қандил Ҷураев таъсис дода шуд [1,9].

Соли 2007 шуъбаҳо ба филиал табдил дода шуда, аз 22-юми январи соли 2007, Пиров Мирзохоҷа бо фармони № 88-и Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонов директори филиал таъин мегардад"[1,11].

Соли 2008 дар ФДДОТ ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт 4 шуъбаи буҷавӣ ва 5 шуъбаи шартномавӣ амал мекарданд, ки дар онҳо 708 нафар донишҷӯён, аз ҷумла 156 нафар духтарон, ба таълим фаро гирифта шудабуданд. Аз соли 2002 то 2007 дар филиал 4 нафар доктори илм, профессор ва 8 нафар номзад, дотсент, 10 нафар муаллими калон дарс мегуфтанд. Аввалин хатмкунандагониборат аз 56 нафар филиалросоли 2007 хатм намуданд, ки ҳамчун воқеаи муҳими таърихӣ номи онҳо дар китоби "Боргоҳи маърифат" (24 нафар дар риштаи филология ва 32 нафар дар риштаи таърих ва ҳуқуқ) қайд шудаанд [1, 213-214].

Рӯйдоди муҳими дигари таърихӣ он буд, ки филиали раштӣ соли 2008-ум соҳиби бинои панҷошёна гардид ва лентаи рамзии онро Пешвои миллат,Асосгузои сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бурид. Филиал бо хобгоҳҳам таъмин гардид. Албатта, дар ифтитоҳи чунин як бинои муҳташаму замонавӣ саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихист ва умуман асосгузори мактаби олии омӯзгории Рашт Эмомалӣ Раҳмонаст. Маҳз дастгирии ҳамҷонибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон буд, ки моҳи майи соли 2013 филиали мазкур мақоми донишкадаро гирифт. Сохтмони ин бино дар қатори дигар макотиби олии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ амалӣ гардид [3, 181].

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт сол то сол рушд намуда, ҳоло дар 4 факултети он аз рӯйи 16 ихтисос донишҷӯён таҳсил мекунанд. Сол то сол шумораи донишҷӯён меафзояд. Агар дар соли таҳсили 2013/ 2014 теъдоди донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона-957 нафар ва дар шуъбаи ғоибона 844 нафар бошад, дар соли таҳсили 2015/2016 шумораи донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона 1114 нафар ва дар шуъбаи ғоибона ба 1368 нафар расид [5,8].

Сол аз сол шумораи довталабон ба донишкада меафзояд. Масалан, тибқи иттилои Маркази миллии тестии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018/2019 рақами рамзии ДОТ дар ноҳияи Раштро беш аз 3000 довталаб интихоб намудаанд. Ба иттилои шуъбаи омори донишкада ин бори аввал аст, ки аз тариқи маркази миллии тестӣ чунин шумораи зиёди довталабон донишкадаро интихоб намудаанд.

ДОТ дар ноҳияи Рашт аз лиҳози базаи модиву техникӣ тайи ин солҳо рушд намуда, ба шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст гардид. ДОТ дар ноҳияи Рашт дар соли таҳсили 2017-2018 аз низоми анъанавӣ пурра ба низоми таҳсилоти кредитӣ, ки талаботи бозори таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад, гузашт.

Дар донишкада ҳамчунин корҳои илмӣ низ ба таври чашмрас рушд намуда, сол аз сол шумораи номзадҳои илм меафзояд.

Хулоса, фаъолияти мактаби олии омӯзгорӣ дар шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт иқдоми таърихии Ҳукумати Тоҷикистон ва самараи бебаҳои истиқлолияти давлатӣ аст, ки имрӯз кадрҳои он дар соҳаи маориф ва дигар бахшҳои ҳаётан муҳими истеҳсолот фаъолият менамоянд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. *Боргоҳи Маърифат. - Душанбе: Деваштич, 2007. -232 с.*
2. *Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накӯкор аз Рашонзамин. - Душанбе: Сифат, 2014. -94 с.*
3. *Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе: Маориф, 2016.-192 с.*
4. *Маҳмуди Шодӣ. Ноширони маориф дар Рашт (охири асри XIX ва ибтидои асриXIX), - Душанбе: Илм. - 208 с.*
5. *www.dot.tj: Ҳисоботи солонаи Ректори ДОТ дар ноҳияи Рашт барои соли хониши 2016-2017. - Рашт, 2017. – С 8.*

## *ИЗ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ САМАНИДСКИХ МОНЕТ В ДОРЕВОЛЮЦИОННОЙ РОССИИ*

***ДЖАЛОЛЗОДА Кадриддин Яздони,***
*аспирант 1-ого курса Института истории, археологии и этнографии имени А.Дониша АН РТ, (Таджикистан, Душанбе)*

## *АЗ ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ СИККАҲОИ СОМОНӢ ДАР РОССИЯИ ТОИНҚИЛОБӢ*

***ҶАЛОЛЗОДА Қадриддин Яздонӣ,***
*аспиранти бахши аввали Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Тоҷикистон, Душанбе)*

## *FROM THE HISTORY OF THE STUDY OF SAMANIDS COINS IN PRE-REVOLUTIONARY RUSSIA*

***JALOLZODA Qadriddin Yazdoni,***
*the first course postgraduate of the Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, (Tajikistan, Dushanbe),*
***E MAIL:*** *best_kadr@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *денежное обращение, монета, монетный двор, исламская нумизматика, куфические монеты, динар, дирхам, фельс, саманидские дирхамы, монетный клад.*

*В данной статье анализируется ряд работ, посвященные частично или в целом изучению саманидских монет в России в XIX - первом десятилетии XX века. В процессе изучения выявлены основные идеи исследователей об обращении саманидских или вообще куфических дирхамов в Восточной Европе, проведен сопоставительный анализ, определена роль изучения саманидских дирхамов в формировании исламской нумизматики, и уточнено, на что была направлена изучение куфических монет в исследуемом периоде.*

***Калидвожаҳо:*** *муомилоти пулӣ, сикка, зарробхона, сиккашиносии исломӣ, сиккаҳои куфӣ, динор, дирҳам, фалс, дирҳамҳои сомонӣ, дафинаи сиккаҳо.*

*Дар мақолаи мазкур асарҳое мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки пурра ё қисман ба омӯзиши сиккаҳои сомонӣ бахшида шуда, дар асри XIX ва даҳаи аввали асри XX дар Россия эҷод гардидаанд. Дар рафти омӯзиш андешаҳои асосии муҳаққиқон дар бораи гардиши дирҳамҳои сомонӣ ё умуман дирҳамҳои куфӣ дар Аврупои Шарқӣ ошкор ва таҳлили муқоисавӣ гузаронида шуда, нақши омӯзиши сиккаҳои сомонӣ дар пайдоиши сиккашиносии исломӣ муайян гардид. Инчунин маълум карда шуд, ки омӯзиши дирҳамҳои куфӣ дар давраи мазкур ба кадом ҷанба нигаронида шуда буд.*

***Key words:*** *money circulation, coin, mint, Islam numismatic, Kufic coins, dinar, dirham, fels (copper coins), Samanid dirhams, coins' hoard.*

*This paper analyzes a series of works devoted in part or in whole to studying Samanids coins in Russia in the XIX and the first decade of the XX century. In the process of studying identified the main ideas of researchers about circulation of Samanidic or in general Kufic dirhams in Eastern Europe, carried out a comparative analysis, is defined the role of studying Samanid dirhams in the formation of Islamic numismatics and is clarified what was directed to studing of Kufic coins in the research period.*

Важным показателем взаимоотношений между странами Востока и Запада в IX-X вв. были торговые связи, в результате которого исламские дирхамы распространились до самых отдаленных точек юго-восточной, юго-западной и частично центральной Европы, находимых до сих пор по отдельности и в виде кладов. Каталоги и топографии куфических монет свидительствуют, что большая часть куфических кладов, найденных в вышеперечисленных странах отностятся к аббасидским и саманидским династиям.

Саманидские монеты, как археологические, нумизматические, источниковедческие и исторические объекты изучаются уже в течение более двух столетий. В зависимости от временных и территориальных критериев изучение саманидских монет условно можно разделить на несколько этапов.

Первый этап изучения саманидских монет начинается с конца XVIII века, когда в Германии О.Г. Тихсеном, Дж. И. Торнбергом, во Франции А.И. Силвестром де Саси, в Швеции Дж. Галленбергом и другими учеными были написаны работы, посвященные куфическим монетам. Впервые куфические монеты были научно классифицированы востоковедом, членом Академии

наук России, профессором Х.М. Френом (1782-1851). Ряд его трудов, таких как «Несколько переводов от арабского на латынь из саманидских и буидских монет», «Мухаммединские монеты», «Мухаммединский монетный кабинет Азиатского музея Кайзера» и более тридцати других работ с дополнениями способствовали развитию восточной нумизматики в России. Х.М. Френ, осознав важность анализа куфических монет, не прекращал их изучение в течение сорокалетней научной деятельности. Огромное количество куфических монетных находок на территории России повышали его интерес к изучению, т.к. ни в Азии, и ни в Европы не существовало такого многочисленного материала по исламской нумизматике [7]. Он до конца своей жизни изучал восточные монеты, извлекая новые важные данные для науки. Благодаря своим глубоким знаниям, редкому критическому таланту и неутомимой научной деятельности он способствовал становлению исламской нумизматики. Одна из его бесценных заслуг заключается в анализе просветающих торговых отношений юго-восточной и Средней Европы с населением Средней Азии, и большей части Ирана с конца VII до начала X века на основе изученных куфических монет. Принимая во внимание заслуги ученного в изучении и анализе куфических монет, его считают основателем исламской нумизматики в России.

Первый труд Х.М. Френа, изданный в 1807 году в России назывался «Описание несколько саманидских и бувейхидских монет» [10, 47-48]. В этом исследовании автор анализирует надписи на монетах, выявляет их отличительные признаки друг от друга, определяет принадлежность к династиям и на основе проведенного анализа описывает степень развития торговых связей между Россией и Востоком.

В отличие от предыдущей работы, посвященной куфическим монетам, ученым-нумизматом в последующих работах в основном изучаются надписи на монетах и выявляются их отличительные особенности. Весьма привлекательным является каталог Х.М. Френа "Куфические монеты различных музеев" [8], где в сжатом виде раскрываются политические и территориальные вопросы стран Исламского мира в средние века. Эта работа состоит из двух частей. В первой части опысиваются куфические монеты Императорского музея Петербурга, а во второй части монеты других музеев. О саманидских монетах речь идет в обеих частях. Однако во второй части, где описиваются саманидские монеты, автор исправляет ошибки не только своих коллег Т.С. Тихсена, А. Адлера, О.Г. Тихсена [8, 67-71], считавшие город Эндароб провинцией Гелана, находившийся на брегу Каспийского моря, и читавших Хутталяна как Гелан или Хилон, но и картографов XVI века, предложивших неправильные карты провинций Восточных стран. При решении данного вопроса автор на основе изучения средневековых писменных источников Востока тщательно анализирует место нахождения города Эндараб и Хутталяна, а также проводит языковое исследование, т.е. сравнивает как пишутся на арабском и персидском языках Хутталян и Гелан.

Другой работой Х.М. Френа, в котором анализируются саманидские монеты является "Обзор мухаммединской нумизматики Академии наук императорского Петербурга" [9]. В своем труде автор описал на тот момент существующие и новейшие приобретения куфических монет Академией. В первой части этой работы автор описывет оммейядские и аббасидские монеты, разделяя их на ранний и средний периоды правления этих династий. Во второй части работы описаны монеты мухаммединских династий, подчиняющихся оммейядам в Испании и аббасидам. В нем описаны 361 саманидских монет, самая ранняя из которых выпущена от имени Наср б. Ахмада в городе Самарканд в 256/869 году, а последняя выпущена от имени Исмоил II б. Нуха II. Монеты классифицированы по порядку правления эмиров, но монеты одного и того же эмира не классифицированы в хронологическом порядке. В дополнении к этой работе описивается еще более 70 саманидских монет, включая редкие экземпляры.

Анализ работ основателя исламской нумизматики в России показывает, что саманидские монеты, пополняя нумизматические фонды различных музеев, наряду с монетами других мухаммединских династий заложили основы исламской нумизматики и сыграли важную роль при анализе товаро-денежных отношений восточной Европы.

Известный русский историк, востоковед, арабист П.С. Савельев подробно рассматривал топографии куфических монет с VII до XI веков, найденных в России и в прибалтийских землях. Основную массу восточных монет составили куфические монеты, в единичных случаях сасанидские. Поэтому ученый утверждал, что в древнейших монетах Востока, сасанидских, не говоря уже о бактрийских, в России необходимости не было, а ввоз восточных денег в отмеченные регионы начинается с первыми годами установления мусульманских монет [4, 14]. Особенная роль при определении начала северо-восточной торговли со странами Востока принадлежит сохранившимся остаткам ее капиталов, т.е. монетам, поэтому П.С. Савельев ошибочно считал, что денежные отношения между мусульманским Востоком, Россией и Прибалтикой начались в конце VII века. Эта идея позже другими ученными была опровергнута.

На основе анализа вырытых куфических монет VII, VIII и первой половины IX веков в России, П.С. Савельев выводить научное положение, заслуживающее внимания, о том, что «обращение куфических монет положено в основание здания Государства Российского» [5, 78]. Он писал, что “Х.М. Френ как для России открыл источники в текстах, так и в восточных монетах” [4, 5]. Автор подчеркивает в основном вклад Х.М. Френа в развитие изучения истории России и источниковедения, а также определяет и роль куфических монет, как источника изучения истории не только выпускавших (эмиссионных) исламских стран в Средние века, но и в изучении истории России и Европы, что является совершенно бесспорным.

П.С. Савельев в своих трудах, посвященных исламской нумизматике, изложил свои воззрения о товарно-денежных отношениях средневековых исламских стран с Восточной Европой. Ученый заключил результаты своих исследований на основе анализа куфических монет, не классифицируя их по династиям, управлявщих независимыми средневековыми странами Востока. Основным критерием его анализа были надписи на монетах, не содержание надписи, а только форма – куфическая писменность. Несмотря на это его труды, посвященные исламской нумизматике, играют незаменимую роль при определении торговых связей средневековой России с исламскими странами Востока. Также в этих трудах автор высказывает идею о роли обращения куфических монет в процессе зарождения государства Древней Руси.

Один из русских нумизматов, проводивших многочисленные исследования по исламской нумизматике, был В.Г. Тизенгаузен. Он стал первым ученным, проанализировавшим саманидские монеты в отделности от других видов куфических монет. Исследователь, на основе изучения саманидских дирхамов в 1853 году впервые издал каталог “О саманидских монетах” [6], повторно переизданный автором с изменениями и дополнениями в 1855-ом году.

В каталоге В.Г. Тизенгаузен сначала дает определение восточной нумизматики. Затем автор подробно рассматривает экономическую ситуацию – условия торговли, пути и места остановки, которыми пользовались торговцы, их товары, причины распространения саманидских дирхамов на территории восточной Европы, а также сравнивает восточные писменные источники с археологическими находками кладов и воззрениями своих современников, анализирует и политическую ситуацию государства Саманидов. В топогорафической части приводятся найденные в России и в других странах Европы клады саманидских монет. Самый ранный клад с саманидскими монетами, который впервые был опуликован П.С. Савельевым [4, 75], был найден в 1712 году вблизи Шлезвига в Дании [6, 72; 60; 54], а в 1715 году в Швеции был найден клад с разными изделиями, в котором находились 4 саманидские дирхемы, отчеканенные в 283/896 году. В России первый зарегистрированный клад с саманидскими монетами был найден в Курляндии в 1796 году.

Клады, найденные в 1712 году в Дании и 1715 году в Швеции, подверждают идею о том, что изучение саманидских монет на ряду с другими куфическими монетами стали предпосылкой зарождения исламской нумизматики. Отмеченные клады относятся к числу кладов, дата находки которых известна и которые изучались ученными. Возможно существовали и клады найденные раньше, но дата и место их находки остались неизвестными. Х.М. Френ отмечал, что в 1817 году из мюнцкабинета Академии досталась ему несколько тысяч саманидских монет вместе с несколькими древными арабскими монетами. Он искал каталог архива Академии и не смог уточнить при каких обстоятельствах они были найдены [7]. В.Г. Тизенгаузен по поводу отсутствия даты и места находок саманидских монет писал: “К сожалению, места находок большей части кладов с саманидскими монетами, именно в России, точно неизвестны” [7], что подтверждает слова Х.М. Френа об отсутствии записи о времени и месте находок куфических монетных кладов.

В.Г. Тизенгаузен после определения времени и места находок, количества монет в кладе, имени правителя, места и времени чеканки, также указывает особые признаки саманидских монет, отличающих их от аббасидских. Анализируя разные виды саманидских монет и их металл, автор определяет их надписи, размер и ареал их распространения. Затем В.Г. Тизенгаузен умело классифицирует саманидские монеты по правителям и датам чекана.

Древнейшей саманидской монетой, упоминавшейся В.Г. Тизенгаузеном, является фельс Нуха б. Асада. Х.М. Френ лично изучавший данный фельс считает, что год чеканки является 206/821. В.Г. Тизенгаузен, рассматривая ту же монету пишет, что это монета была выпущена в 203/818-819 или в 206/821 г.х. Монетный двор на этом фельсе не поддался чтению. Аналогичная монета была найдена в Хорезме, которая была выпущена в Самарканде в 203/818-819 гг. [1, 61], что опровергает выводы Х.М. Френа и подтверждает предположение В.Г. Тизенгаузена. В конце XX века в Хорезме было найдено аналогичная монета год чеканки которого был 203/818-819, оправергающая чтении Х.М. Френа, а подверждающая предположение В.Г. Тизенгаузена. Далее следуют монеты Ахмада б. Асада, выпущенные в 244/858 и 245/859 года в Самарканде. Этот Ахмад является одним из

четырех внуков Саманхудата, который в 204/819 году стал повелителем Ферганы. После смерти старшего брата Нуха, Ахмад и его другой брат Яхя вместе управляли Самаркандом. Но результаты изучения саманидских монет В.Г. Тизенгаузеном показывают, что на монетах данного периода, выпущенных в Самарканде не упоминается имя Яхьи, а отчеканено имя сын Ахмада Насра, ставшего правителем Самарканда по повелению тахиридского эмира Талха. Из числа монет Насра, В.Г. Тизенгаузеном описаны монеты отчеканные на монетном дворе Самарканда в 271/884 и 272/886 гг.. Так как до сих пор не найдена ни одна серебренная монета с именем Ахмада б. Асада, то это подтверждает свидительство писменных источников о том, что до получения грамоты на управлением Мовараннахра Насром в 261/874 году от центрального управления Халифата, Саманиды подчинялись наместникам Хорасана Тахиридам и не имели право на выпуск динаров и дирхамов. Получения грамоты Наср б. Ахмадом дал Саманидам право на выпуск золотых и серебренных монет, но до сих пор динары Насра неизвестны.

Таким образом, в вышеотмеченной работе В.Г. Тизенгаузен опубликовал 138 кладов саманидских дирхамов, найденных в России и странах северо-восточной Европы, большая часть которых найдена в Швеции на острове Готланд – 41 и других регионах этой страны - 27, в России – 33, и в меньшем количестве в других странах Европы. Наряду с монетами других монетных дворов также встречаются и монеты отчеканенные на монетных дворах Хутталя и Рашта, находящиеся на территории современного Таджикистана.

Данный каталог является одним из первых каталогов саманидских монет. Автор также собрал важные сведения из средневековых источников о торговых связах Саманидов с Древней Русью. Здесь необходимо отметить, что это единственный каталог Восточной Европы и Азии, посвященный только саманидским монетам. Поэтому она до сих пор не потеряла свою ценность при анализе тоговых отношений Восточной Европы и России со Средней Азии и большей частю Ирана в средневековом периоде.

Значительный вклад в изучение куфических, в том числе саманидских монет, внес известный русский нумизмат А.К. Марков (1858-1920). В 1896 году он закончил свой труд "Инвентарный каталог мусульманских монет Императорского Эрмитажа" [2, 113-170]. В данной работе 1272 саманидские монеты классифицированы по последовательности правления эмиров, в числе которых включены монеты булгарского правителя Микаил б. Джафара и варварские подражания саманидским монетам. Из числа саманидских монет 3 экз. отчеканены на монетном дворе Хутталя и 2 экз. - на монетном дворе Рашта, расположенных на территории современного Таджикистана.

А.К. Марковым также составлена топография находок куфических монетных кладов [3], которая по структуре, особенности классификции и указанию источников служит примером для последующих ученых. Характерная черта даннной работы заключается в том, что наряду с куфическими дирхамами автором приведены и сасанидские монеты, на основе анализа которых автор определяет, что начало торговли мусульманского Востока с Европой и Древней Русью не относятся к концу VI или начале VII века, о чем говорил П.С. Савельев, а намного раньше, почти с начала нашей эры, что подтверждают сасанидские монеты. Этим А.К. Марков утверждал, что восточные монеты еще в начале правления Сасанидов стали попадать на территорию России по тем путям, которые использовали торговцы в средние века, т.е. торговцы исламского мира не открыли новые пути, а всего лишь развивали ранее существовавшие торговые отношения между мусулманским Востоком и странами Европы. Эти торговые отношения прекратились в начале XI века. Многие исследователи этой проблемы считали, что политические проблемы, охватившие в конце X века эмиссионные страны мусулманского Востока, стали причиной прекращения торговли. Согласно А.К. Маркову, проблема была скорее всего экономическая нежели политическая, потому что эмиссионые страны Востока испытывают нехватку серебра.

В целом автором топографии отмечено 962 монетных клада, из которых 143 клада состоят только из саманидских монет, в составе 234 кладов помимо сасанидских, англосаксонских и византийских монет встречаются и саманидские дирхамы. Эти данные показывают, что из общего числа кладов саманидские клады составляют 15% и клады, включающие в себя саманидские дирхамы, составляют 24%. В результате анализа работы А.К. Маркова выяснилось, что количество саманидских монет в смешанных кладах значительно больше, чем монет других восточных и западных династий. Например, в кладе, описанном под номер 28, который нашли 18 апреля 1868 г. в городе Муроме в двух кувшинах наполненных серебреными монетами, оказалось 11077 целых и 6 кг 350 гр. ломаных дирхамов [3, 5]. Общий весь клада составлял 43 кг 190 гр. Клад состоял из 140 халифатских дирхамов, 4 тахиридских, 14 саффаридских, 2 сельджукидских, 16 бувейхидских, 4 халефидских, 10079 саманидских и 818 варварских подражаний им. Здесь А.К. Марковым наряду с известными монетными дворами Саманидов, также упоминается о городе Сабурь. Города или монетного двора Саманидов с таким названием не существует в средневековых источников или

нумизматических и археологических материалах. Можно предполагать, что может быть Сабур, происходит от сокращенной формы Нишапура - Шапур, но автором город Нишапур отмечено в отдельности, поэтому это свидетельствует о технической ошибке автора. В этой работе отмечено, что в составе десяти кладов находятся саманидские дирхамы, выбитые в Хуттале и Раште. Работы А.К. Маркова завершают первый этап изучения куфических, в том числе саманидских монет.

Таким образом, объединение Мавераннахра и Хорасана под единой властью саманидских эмиров способствовали развитию экономичекой жизни этих регионов в IX и X вв., в результате которого торговля с восточной Европой получил новый импульс. Серебренные дирхемы Саманидов торговыми караванами вывозились в страны восточной Европы. Обнаруженные клады с большим количеством дирхамов на этой территории способствовали их изучению в XVIII веке европейскими историками, археологами и нумизматами. Изучение саманидских дирхамов наряду с другими куфическами монетами заложили основу исламской нумизматики и способствовали ее становлению как отдельной отрасли нумизматики. Изучение большого числа саманидских дирхамов способствовало бурному развитию исламской нумизматики, издавались многочисленные работы. Отличительная особенность этого периода заключается в том, что в основном при изучении исламских монет акцент делался на описание кладов и расшифровки надписи монет и составление топографий монетных находок и каталогов.

## СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ:


1. *Атаходжаев А.Х. К ранней политической истории саманидов // В кн: 50-лет раскопок древнего Пенджикента. Тезисы докладов научной конференции 15-20 августа 1997 г. - Пенджикент, 1997. - С. 61.*
2. *Марков А.К. Инвентарный каталог мусульманских монет Императорского Эрмитажа. - С.Петербург, 1896. - 340 с.*
3. *Марков А.К. Топография кладов восточных монет (сасанидских и куфических). - С.Петербург, 1910. - 147 с.*
4. *Савельев П.С., Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. СПб, 1847. - 168 с.*
5. *Савельев П.С., О куфических монетах, вырытых в России // Известия Имр. Арх. Общ. - С.Петербург, 1856. - С. 68-74.*
6. *Тизенгаузен В.Г. О саманидских монетах // Записки императорского археологического общеста Т.6, Санкт - Петербург, 1853. - С. 3-237.*
7. *Тизенгаузен В.Г. Монеты восточного халифата // www.Studydoc.ru /doc/2113686/ monety-vostochnogo-halifata?mode=scroll [21.01.2018]*
8. *Fraehn, Ch.M. Numi kufici anecdoti ex variis museis selecti et illustrate. Mémoires de l'Académie Impériale des Sciences de St. Petersburg: 1823. P. 67-71.*
9. *Fraehn, Ch.M. Recensio numorum Muhammedanorum Acad. Imp. Scient. Petropolitanae. St. Petersburg: 1826, 915 p. [Электронный ресурс] https://archive.org/details/numimuhammedaniq00akad [28.12.2017]*
10. *Fraehn, Christian Martin: Beschreibung einiger von den Samaniden und Bujiden geprägten Münzen. Kasan, 1807. P. 47-48.*

***ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИИ СОЛИ 2014 ДАР АФҒОНИСТОН: МУШКИЛОТ, НАТОИҶ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН***

***Қозӣ Сайидмуҳаммад СОМЕЪ,***
*унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ПРЕЗИДЕНТСКИЕ ВЫБОРЫ 2014 Г. В АФГАНИСТАНЕ: ПРОБЛЕМЫ, РЕЗУЛЬТАТЫ И ПОСЛЕДСТВИЯ***

***Кози Саидмухаммад СОМЕЪ,***
*соискатель Таджикского государственного университета коммерции, (Таджикистан, Душанбе),* ***E-MAIL:*** *q.s.same@gmail.com*

***2014 PRESIDENTIAL ELECTIONS IN AFGHANISTAN, DIFFICULTIES, RESULTS AND ITS CONCLUSIONS***

***Qazi Said Mohammad SAME,***
*applicant of the Tajik State University of Commerce, (Tajikistan, Dushanbe),*

***Калидвожаҳо:*** *Ашраф Ғанӣ, Абдулло Абдулло, интихобот, интихоботи президентӣ, тақаллуб, раёсати ҷумҳурӣ, даври аввал, Комиссияи мустақили интихобот, Ҳукумати ваҳдати миллӣ, созишномаи байни ду тими интихоботӣ, ҳавзаҳои иниховотӣ, шумориши оро.*

*Дар мақола раванди интихоботи севуми президентии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (2014), мушкилот ва тақаллубҳои густурда дар он мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ҳамчун шоҳиди воқеии ин ҷараёнот ва инчунин бо истифода аз манобеи гуногун, маълумотҳои расмии Комиссияи мустақили интихобот ва маълумотҳои ғайрирасмӣ раванди интихоботро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба қавли муаллиф натиҷаи асосии интихоботи президентии соли 2014 он аст, ки пешгӯии коршиносон ва мардуми оддии кишвар ба воқеият пайваст: баргузории интихоботи шаффоф ва озод дар Афғонистон муяссар нашуд. Тақаллуби густурдаи натиҷаи интихобот аз тарафи баъзе аз аъзои КМИ ва кормандони давлатӣ, инчунин намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ умеду орзӯи миллионҳо мардуми хушбоварро ба яъс ва ноумедӣ табдил доданд.*

*Муаллиф натиҷаи даври аввали интихоботро таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки агар интихобот шаффоф сурат мегирифт ва ба раванди он дахолат намешуд имконияти пирӯзии А.Абдулло хеле баланд буд. Аммо интихоботи соли 2014 баландтарин рекордро дар тақаллуби овозҳо ишғол намуд. Мутаасифона ҳамаи ин барои бесуботшавии вазъият дар Афғонистон, оғози даври нави мухолифатҳои сиёсӣ, мусоидат намуд.*

***Ключевые слова:*** *Ашраф Гани, Абдулло Абдулло, президенские выборы, президент, Независимая избирательная комиссия, Правительство национального единства, соглашение между двумя избирательными командами, подсчёт голосов.*

*В статье анализируется процесс третьих президетских выборов в Афганистане (2014), и фальсификация его результатов. Автор, как непосредственный свидетель, происходивших событий используя различные источники, в том числе официальной статистики Независимой избирательной комисии и неофициальных данных, пытается создать реальную картину процесса выборов в Исламской Республике Афганистан. В результате приходит к выводу, что сбылись прогнозы экспертов и простых людей - провести свободные, демократически выборы не удалось. Повсеместная фальсификация результатов президентских выборов, в которых приняли участие чиновники Независимой избирательной комиссии, государственные чиновники и представители международных организаций и зарубежных стран превратили надежды миллионов простых людей в отчаяние. В статье автор на основе имеюшихся у него фактов приходит к заключению, что выборы 2014 года побили все рекорды по фальсификации результатов.*

*К сожалению проблемы с президентскими выборамы способствовали еще большей дестабилизации ситуации в Афганистане, началу нового витка противоречий в обществе.*

***Key words****: presidential elections, fraud, vote counting, election, constituency, democracy, good governance.*

*In this article the process of Afghanistan's third presidential election , its difficulties and the causes of its enormous frauds has been academically analyzed. The author as an eyewitness of these incidence and also by using diverse resources like official data of Afghanistan's independent commission of elections and unofficial data investigated this elections process.*

*In authors point of view the result of elections was same as the specialists and common people prediction, a transparent and independent elections couldn't take place. Huge fraud in this elections from some*

*of Afghanistan's independent elections commission members ,government employees,diplomats of foreign countries and international organizations in Afghanistan disappointed the people of afghanistan from having an independent and transparent elections. Author continues the article by analyzing the first round of presidential elections 2014 and concludes that if a transparent election took place in first round of election in 2014 Abdullah Abdullah has gained more than 51 % of votes but the with enormous frauds the result has been changed . As result of this in-transparent election we can see political instability in different parts of Afghanistan after 2014.*

Интихобот минҳайси як асли умда, ниҳоят муҳим ва таъсиргузор дар низомҳои демократӣ ба шумор меравад. Шаҳрвандони як кишвар метавонанд дар ҳама умури сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии кишварашон нақш дошта, дар таъйини Раиси ҷумҳур, вукалои парлумон ва шӯроҳои вилоятӣ саҳми хешро адо намоянд. Дар ҳақиқати амр интихобот абзоре аст, ки ба воситаи он метавон тасмими шаҳрвандони як кишварро дар ташкили ниҳодҳои сиёсӣ ва таъйини роҳбарии кишвар, намояндагони мардум дар порлумон ба намоиш гузошт. Ё метавон гуфт, ки интихобот фароянди демократӣ барои интихоби ҳукуматҳо мебошад, ки дар ин миён мардум барои овоздиҳандагон нақши асосиро бозӣ мекунанд ва бо овози худ роҳбари ояндаи кишварро интихоб менамоянд.

Мақсад аз таълифи ин мақола таҳлили интихоботи президентии соли 2014 дар Афғонистон бо ҳама мушкилоти он, нақши мардум, нигарониҳо, интизорот аз раиси ҷумҳури ояндаи кишвар мебошад.

Интихобот аз решаи арабии феъли «нахаб» ба маънои «ихтиёр кардан» ва «баргузидан» гирифта шуда, муодили калимаи интихобот ба забони англисӣ «election», ки решаи он ба феъли лотинии «eligeve» ба маънои «ҷудо кардан» ва «баргузидан», мебошад.

Дар истилоҳ, интихобот маҷмӯаи амалиёте аст, ки дар ҷиҳати гузиниши фармонравоён ё таъйини нозирон барои маҳор кардани қудрат, тадбир шудааст. Аз ин дидгоҳ, «интихобот ба маънии фунуни гузиниш ва шеваҳои мухталифи таъйини намояндагон аст. Абзоре аст, ки ба василаи он метавон иродаи шаҳрвандонро дар шаклгирии ниҳодҳои сиёсӣ ва таъйини мутасаддиёни аъмоли иқтидори сиёсӣ таъмин сохт» [8,12].

Афғонистон кишваре аст, ки бештар аз чаҳор даҳа ҷангро пушти сар гузошта ва мутаассифона ҳанӯз ҳам дар оташи ваҳшату даҳшати терроризм, Ал-Қоида ва толибон месӯзад. Ба ҳамин хотир мардуми Афғонистон ташнаи сулҳу субот дар кишварашон буда, талош менамояанд то низоми демократӣ, ки дар он қонун ҳоким, адолат таъмин ва шаҳрвандонро ҳуқуқи башар малоки амал бошад. Ба бовари мардум ягона роҳи расидан ба сулҳу субот ҳамоно рафтан ба пойи сандуқҳои раъй ва таъйини раҳбари миллии кишваршон аст.

Аз ҳамин рӯ, интихоботи 5 апрели соли 2014 аз аҳамияти хосс ва вежа бархурдор аст. Мардум, огоҳони умури ҷомеаи ҷаҳониро ақида бар он аст, ки интихоботи 2014 сангбинои демократия ва тағйири низом ба шеваи мусолиматомез як таҷрибаи хуб барои фардоҳои беҳтари Афғонистон хоҳад буд. Аммо дар айни ҳол, ки мардуми кишвари мо хушбиниҳо доштанд, нигарониҳои ҷиддӣ ҳам доштанд, ки бояд ба инҳо пардохта шавад.

Аммо дар нахуст бояд ҷойгоҳи интихоботро дар Қонуни асосӣ ва Қонуни интихобот ҷустуҷӯ намуд

Модаи 4 Қонуни асосии Афғонистон чунин аст: «Ҳокимияти миллӣ дар Афғонистон ба миллат тааллуқ дорад, ки ба таври мустақим ё тавассути намояндагони худ онро эъмол мекунад» [3, 544].

Вобаста ба ин ташкили вазоиф ва салоҳиятҳои комиссияи мустақили интихобот дар 16 фасл ва 80 мода аз тарафи парлумон тасвиб ва аз тарафи раиси ҷумҳур тавшеҳ (тасдиқ) гардид. Модаи аввали ин қонун баён медорад: «Ин қонун ба таассӣ аз ҳукми маводи 33, 86 ва 156-уми Қонуни асосии Афғонистон ба манзури интихоботи раёсати ҷумҳурӣ мундариҷи маводи (60, 61, 62, 65 ва 67), интихоботи Шӯрои миллӣ мундариҷи маводи (83, 84, 85, 86) ва интихобот шӯрои вилоятӣ, вулусволӣ, қарияҳо, шорволӣ ва маҷолиси он мундариҷи маводи (140,141) Қонуни асосӣ вазъ гардидааст [6].

Ба ҷуръат гуфта метавонем, ки баргузории даври севуми интихоботи раёсати ҷумҳурӣ бидуни шак нуқтаи атфе дар таърихи муосири ин кишвар метавонист бошад, аммо мардуми Афғонистон аз баргузории рӯзи интихобот нигарониҳои хосси хешро аз ибтидо доштанд. Назарсанҷиҳои комиссияи мустақили ҳуқуқи башар ва «Бунёди интихоботи озод ва одилона» нишон дод, ки нигаронии мардум қарори зайланд:

1. Нигаронӣ аз набуди амният. Таҳдиди толибон ва терроризм мабнӣ бар маътал сохтани раванди интихобот. Ба таври мисол толибон ду ҳафта қабл аз даври дувуми интихобот ҳамлаи

интиҳории маргбореро дар меҳмонхонаи «Кобул Серена» роҳандозӣ намуданд, ки дар он Аҳмад Сардор журналисти афғон бо хонум ва ду фарзандаш ва чанд тан аз мардуми мулкӣ ба шаҳодат расиданд.

2. Тақаллуби натиҷаи интихобот. Мардум аз таҷрибаи интихоботи соли 2009, ки дар он бештар аз як миллион раъй ботил эълон гардида буд, нигаронӣ доштанд.

3. Боварамандии мардум ба бархурди салиқаӣ ва риоя нашудани мавқеи бетарафӣ аз тарафи Комиссияи мустақили интихобот ва самъи шакоёти интихоботӣ.

4. Баранда шудани шахси хатарнок. Албатта ин як тасаввуре буд, ки шояд як шахси бунёдгаро, ҳоким бар сарнавишти мардум гардад ва ин ба маънии баргашт ба гузашта хоҳад буд.

5. Адами боварамандии мардум ва ҷомеъаи ҷаҳонӣ ба шаффофияти интихобот.

Ҷомеа ҷаҳонӣ аз ду ноҳия нигаронӣ доштанд: 1) боварии комил бар таъмини амнияти рӯзи интихобот тавассути нерӯҳои амниятии афғонро бидуни кӯмаки нерӯҳои байналамилалӣ камтар амалӣ медонистанд; 2) ин интихобот аз тарафи Комиссияи мустақили интихобот бидуни кӯмаки мустақими Созмони милали муттаҳид (СММ) пеш бурда мешуд. Онҳо нигаронӣ доштанд, ки афғонҳо шояд қодир ба баргузории интихобот бидуни кӯмаки СММ набошанд.

Гурӯҳи байналмилалии буҳрон дар гузориши худ гуфта буд, ки дар сурате ки интихоботи ояндаи раёсати ҷумҳурӣ дуруст мудирият ва шаффоф баргузор нашавад, эҳтимолан Афғонистон дубора дучори ҷангҳои дохилӣ хоҳад шуд ва тадриҷан давлати ин кишвар суқут хоҳад кард.

6. Адами мушорикати густурдаи мардум дар интихобот.

7. Пойин будани сатҳи огоҳии мардум дар мавриди интихобот.

8. Нигариши мардум барои ин, ки ин интихобот фармоишӣ ва ғайрвоқеӣ шояд бошад. Ба таври мисол баъзеҳо дар Фейсбук менавиштанд, ки раиси ҷумҳур аз қабл таъйин гардидааст, лизо рафтан ба пойи сандуқҳои раъй мафҳум нахоҳад дошт.

Ҷанбаҳои мусбати интихоботи соли 2014.

1. Сабти номи ҳашт номзади раёсати ҷумҳурӣ ва 2700 номзади шӯроҳои вилоятӣ яке аз нукоти умда ва асосӣ барои баргузории интихобот ба шумор меравад.

2. Ҳузури нозирини миллӣ ва байналмилалӣ. Интихобот аз тарафи 325 ҳазор нозири дохилӣ ва байналмилалӣ, намояндагони аҳзоби сиёсӣ, намояндагони номзадҳо ва ҷомеаи маданӣ дар рӯзи баргузории интихобот назорат мегардид.

3. Нерӯҳои амниятӣ. Наздик ба 400 ҳазор тан аз нӯрӯҳои амниятӣ, артиши миллӣ, пулиси миллӣ ва амнияти миллии Афғонистон таъмини амнияти 6212 маркази раъйдиҳӣ дар саросари Афғонистонро ба уҳда дошт ва амнияти онро тазмин менамуданд, ин нигаронӣ вуҷуд дошт, ки интихоботи 5 апрел бо мухолифати густурдаи толибон ва ҳомиёни онҳо рӯбарӯ хоҳад шуд. Аммо бар хилофи ин тасаввурот ҳама нерӯҳои амниятии Афғонистон муваффақона амнияти интихоботро таъмин карданд.

Амалкарди нируҳои амниятии кишвар дар Кобул ва вилоёти кишвар ба манзури баргузории интихоботи шаффоф ва демократӣ, сутуданӣ ва таҳсинбарангез буд.

4 Расонаҳо. Расонаҳои Афғонистон нақши созанда, муассир дар бурдани мардум ба пойи сандуқҳои раъй доштанд. Расонаҳо ба сурати густурда тамоми мароҳили интихоботро шурӯъ аз раванди сабти ном то маъракаҳои интихоботӣ ва рӯзи интихоботро лаҳза ба лаҳза ба гӯши мардуми кишвар мерсониданд. Инҳо мардумро ташвиқ ба рафтан ба пойи сандуқҳо ва додани раъй менамуданд. Ин шеваи амалкарди расонаҳо ҳам дар Афғонистон собиқа надошт.

5 Ниҳодҳои маданӣ (шаҳрвандӣ). Ниҳодҳои маданӣ дар самт ва сӯ додани мардум ва ташвиқи онҳо ба хотири иштирок дар интихобот хеле арзанда аст. Теъдоде аз ниҳодҳо дар огоҳии мардум саҳм гирифтанд ва теъдоде ҳам дар назорат аз интихобот. Хулоса ниҳодҳои маданӣ аз интхоботи шаффоф ва одилона ҳимоят намуданд ва холисона дар ин роҳ мардумро раҳнамоӣ ва ҳимоият карданд.

6. Мардум. Саранҷом 16 ҳамали соли 1393, мутобиқ ба 5 – апрели соли 2014 фаро расид. Ҳузури пуршукӯҳ ва бесобиқаи мардум дар пойи сандуқҳои раъйдиҳӣ ва ташкили сафҳои тӯлонӣ ва кашидани соатҳои интизорӣ ба хотири додани раъй воқеан ҷаҳониёнро ҳайратзада сохт. Мардуми Афғонистон собит сохтанд, ки қабилагаро нестанд ва ба низоми қабилавӣ намеандешанд ва ба он бовар надоранд. Онҳо ба низоми демократик ва марудумсолор бовар доранд. Ба толибон, терроризм, ҳомиёни онҳо ва таҳдидҳои онҳо хати батлон кашиданд. Масалан, дар вулусволии Мормули вилояти Балх марди 90 сола бар пушти як марди 75 сола ба пойи сандуқи раъй рафта, овоз дод, як зани 70 сола дар шаҳри Мазори Шариф ба хабарнигор телевизиони «Тулӯъ» гуфт:

«Ман раъй додам то сарнавишти кишварам маълум гардад, дигар авлодҳо ва набераҳоям дар сояи қонун ва амният зиндагӣ намоянд, дигар ҷанг ва даҳшат ва террор бас аст».

Дар вилояти Бадахшон як ҷавон бо вуҷуди талошҳои мукаррар ва рафтан ба чандин маҳалли интихобот, нисбати тамом шудани баргаҳои раъй натавонист раъй бидиҳад. Ӯ корти худро пора намуда, бо чашмони ашколуд ба хона рафтааст.

Ё мардеро, ки толибон ангушти рангшудаашро ба хотири иштирок дар интихобот соли 2009 дар вилояти Ғазнӣ қатъ намуда буд, бори дигар бо ҳамон ангушти бурида раъй дод ва ба истибдоди толибонӣ ва ҳомёни онҳо «на» гуфт. Расонаҳои Афғонистон ин мавзӯъро пӯшиши васеъ доданд ва дар шабакаҳои ичтимоӣ инъикоси густурда ёфт, ки як паёми бисёр возеҳ ва рӯшан ба толибон ва ҳомиёни онҳо буд, ки бо қатъ намудани ангуштҳо ва таҳдидҳо наметавонанд бар сарнавишти мардум ҳокимият кунанд ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ чароғи сабзе буд, ки нишон медод мардуми ин сарзамин ба сарнавишташон ва ба доштани режими демократӣ алоқа доранд ва аз ҳукумати қабилавӣ ва истбдод безоранд.

Дар ин интихобот, ҳашт номзад барои мансаби президент рақобат карданд. Номзадҳои ин даври интихобот иборат буданд аз Абдулло Абдулло, Муҳаммад Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай, Залмай Расул, Абдулраб Расул Сайёф, инженер Кутбиддин Хилал, собиқ волии вилояти Нангарҳор Муҳаммад Шафиқ Гулоқо Шерзай, Муҳаммад Дауд Султанзай ва Ҳидоят Амин Арсала. Аммо аз ибтидо довталобони асосӣ, Абдулло, Абдулло, Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай, Залмай Расул ва Абдулраб Расул Сайёф пиндошта мешуданд.

Комиссия мустақили интихоботи (КМИ) Афғонистон 12 миллион нафар аз мардуми кишварро воҷиди шароити ширкат дар интихобот ин давра эълом карда буд. Ниҳоди мутазаккира эълом намуд, ки беш аз 50 дарсад афроди воҷиди шароит, яъне бештар аз 7 миллион тан дар ин интихобот ширкат кардаанд. КМИ Афғонистон, мушорикати мардум дар интихоботро ғайриқобили тасаввур донист.

Ҳузури занонро дар интихобот раёсати ҷумҳурӣ ва шӯроҳои вилоятии кишвар чашмгир буд. Миллионҳо тан аз занон ба пойи сандуқҳои раъйдиҳӣ рафтанд ва барои интихоби президент ва номзади шӯрои вилоятиашон раъй доданд. Нозирони интихоботи гуфтаанд, ки ҳузури занон дар ин интихобот бесобиқа будааст.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ аз баргузории интихобот ситоиш намуд. Катрин Эштон масъули сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо дар бораи интихоботи раёсати ҷумҳурии Афғонистон гуфта буд, ки «агар ин раванди демократик дар масири саҳеҳ пеш биравад, ин кишвар бо рӯйдоди таърихӣ рӯбарӯ хоҳад шуд».

Ба гузориши хабаргузории Олмон аз Афина, пас аз музокироти ғайррасмии ду рӯза вазирони умури хориҷаи кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо дар мусоҳиба бо хабарнигорон афзуд: «Мо хостори мушорикати ҳама, аз ҷумла ҳама занон дар ин интихобот ҳастем».

Франк Валтер Штанмайер, вазири умури хориҷаи Олмон низ гуфт буд, ки ҳама медонанд, ки ин раванд, раванди осон нест. Вай афзуда аст: «омодасозии муқаддамотии баргузории ин интихобот нишондиҳандаи мушкилоти пеши рӯйи ин раванд буд, аммо ман барои тааҳҳуди мардуми Афғонистон ба ҳузур дар ин интихобот эҳтиром зиёде қоил ҳастам».

Ян Кубиш намоянданди хоси СММ дар умури Афғонистон, дар яке аз марокизи овоздиҳӣ дар Кобул аз шуҷоати мардуми Афғонистон барои ширкат дар интихобот новобаста аз таҳдидҳои террористӣ, тамҷид кард.

Аммо дар рӯзи интихобот, бешубҳа мукилоту чолишҳое ҳам пеши рӯи интихобкунанадагон ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, дар бисёре аз минтақаҳои кишвар баргаҳои раъйдиҳӣ (булетенҳо) тамом шуданд ва мардум овоз додан натавонистанд. Масалан дар вилоятҳои Ҳирот, Балх, Бағлон, Тахор, Кобул, Форёб, Бадахшон, Ҷузҷон ва ғайра наздики соати 12 рӯз баргаҳо тамом шуданд. Соатҳо мардум интизори барга мебуданд ва ниҳоят дар ҳолати ноумедӣ ва озурдагӣ минтақаҳои овоздиҳиро тарк мекарданд, зеро барга расонида намешуд.

Ниҳоят рӯзи шанбеи 6 саври 1393 (26 апрели соли 2014) натоиҷи ибтидоии интихоботи раёсати ҷумҳурӣ эълом шуд. Раиси КМИ гуфт, ки бар асоси натоиҷи эъломшуда доктор Абдуллоҳ Абдуллоҳ- 44,9 дарсад оро ва доктар Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай – 31,5 дарсад ороро ба даст овардаанд. Ҳамчунон доктор Залмай Расул 11,5 дарсад, устод Абдул Раб Расул Сайёф - 7,1 дарсад, инженер Қутбуддин Ҳилол- 2,7 - Гулоқо Шерзай - 6,1 дарсад, Довуд Султонзай – 0,5 дарсад ва Ҳидоят Амин Арсало – 0,2 дарсад ороро ба худ ихтисос додаанд [2].

Эъломи натоиҷи ибтидоӣ нишондиҳандаи он буд, ки ҳама мардум нигарони сарнавишти интихобот ва тайиин роҳбари миллиашон буданд. Мардум аз раиси ҷумҳури оянда интизор дошт ба масъалаҳои муҳимтарини зерини кишвар таваҷҷуҳ намояд:

- таъмини амният;

- таъмини адолат ва таҳкими ҳокимияти қонун ва ҳуқуқи башар, сохтани як низоми посухгӯи мардумсолор;

- ҳифзи истиқлоли миллии кишвар;

- ҳифзи сарҳадоти кишвар ва арзишҳои миллӣ;

- мубориза бо фасоди идорӣ ва ришват ва супурдани кор ба аҳли кор, истихдом бар асоси шоистасолорӣ на бар асоси равобит;

- доштани таърифи мушаххас аз дӯст ва душмани мардуми Афғонистон;

- таъмини ваҳдати миллӣ ба сурати амалӣ на шиорӣ;

- мубориза бо фақр, эҷоди шуғл, истихроҷи маодин ва сохтани бандҳои барқ ва дифоъ аз ҳаққи шаҳрвандони кишвар;

- ҳусни ҳамҷаворӣ ва доштани равобити таърифшуда бо ҳамсояҳо, доштани равобити ҳасана бо ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- таваҷҷуҳ ба маориф ва сиҳати омма.

Эълони натоиҷи ибтидоии интихобот гумоназаниҳои зиёдеро оид ба рафтани интихобот ба даври дувум, тағйири мавзеи номзадҳо аз радаҳои севум ба пойин ва ҳимояти онҳо аз ду номзади пештоз дур аз имкон набуд. Рӯзҳои баъд ин гумоназаниҳоро ҷомаи амал пӯшонид. Интихобот ба даври дувум рафт. Гарчанде бо маълумоте, ки имрӯзҳо аз ҳар марҷае ба нашр мерасад, гувоҳи он аст, ки А. Абдулло дар даври авввал пирӯз будааст. Масалан доктор Спанто менависад: «Яке аз масъулони тарози аввали Комиссиюни интихобот дар авоили соли 2015 дар ҳузури оқои Хуррам ва Залмай Ҳеводмал ба ман гуфт, ки дуктур Абдулло дар даври аввал интихоботро бо аксарияти 52,7 дар сад бурда буд, аммо сафири Инглистон ба намояндагӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ Комиссиюнро водор кард то ин натоиҷро эълом накунад» [5, 859].

Ба ҳар сурат интихобот ба даври дувум кашонида шуд. Бо вуҷуди ин дар даври дувум ҳам имконияти пирӯзии А. Абдулло хеле зиёд буд. Ба қавли Қ. Искандаров ду омили асосӣ ин имкониятро фаро сохта буд: «Аввал ин ки барои пирӯзӣ дар даври аввал барои А. Абдулло фақат 5% овоз нарасид. Фарқият байни овозҳои бадастовардаи Абдулло ва Ғанӣ 13, 44%-ро ташкил мекард; дуввум, дар даври дувум 3 номзади аз сабқати интихоботӣ беруншуда, яъне Залмай Расул, Абдулраб Расул Сайёф ва Гулоғо Шерзай ба тарафи Абдулло Абдулло гузаштанд, ки дар даври аввал 19,98% овозҳоро ба даст оварда буданд, ки якҷо бо овозҳои соҳибшудаи Абдулло қариб 65%-ро ташкил мекарданд. Се номзади дигар, ки пуштибониашонро дар даври дувум аз Ашраф Ғанӣ эълон карда буданд: Қутбиддин Ҳилол, Довуд Султанзай ва Ҳидоят Амин Арсало дар даври аввал ҳамагӣ 3,44% овозҳои интихобкунандагонро ба даст оварда буданд ва бо овозҳои соҳибшудаи Ғанӣ якҷо 35%-ро ташкил мекарданд. Аз ин ҷиҳат Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай барои пирӯз шудан дар даври дувум мебоист кори фавқулоддаеро анҷом медод, то таносуби овозҳоро ба нафъи худ қарор диҳад [1,112].

Комиссияи мустақили интихобот рӯзи баргузории интихоботро 14 июн эълом намуд. Абдулло Абдулло ва Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай ду хати идеологии мутафовити воқеияти имрӯзаи Афғонистонро намояндагӣ мекарданд. Абдулло Абдулло намояндаи нерӯҳои ҷиҳод ва муқовимат буд ва аз ин нигоҳ дар таблиғоти пешазинтихоботӣ дар кишваре, ки эътиқодоти динӣ хеле мустаҳкам аст, бештар аз шиорҳои исломӣ ва ҷиҳод истифода намуда, ҳамзамон ваъда медод, ки усули асосии демократия, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, зану мард ва намояндагони тамоми ақвоми сокини кишварро таъмин хоҳад кард.

Ашраф Ғани Ахмадзай аз ҷомеаи илмии технократҳо намояндагӣ мекард. Касоне, ки бештар таҳсилкардаи Ғарб буда, ба арзишҳои ғарбӣ эҳтиром қоиланд. Аммо бо назардошти он, ки ҷомеаи афғонӣ як ҷомеаи муҳофизакор анъана ва арзишҳои миллӣ ва ҳатто қабилавӣ хеле устуворанд, Ашраф Ғанӣ имиҷи худро дар интихоботи соли 2014 тағйир дод.Ӯ бештар як афғони побанд ба анъана ва расму одатҳои қабилавӣ худро намоиш дода, дар тамоми суханронию мулоқотҳо бо интихобкунандагон бо либосу дастори миллӣ зоҳир мешуд ва мехост пуштибонии ақвоми паштунро дошта бошад.

Рӯзи 15 июн аввалин маълумотҳо дар бораи натиҷаи овоздиҳӣ аз вилоятҳо расиданд, ки тими Абдулло Абдуллоро хеле нигарон карданд.

Аввал ин, ки баъд аз анҷоми овоздиҳӣ раиси КМИ Аҳмад Юсуф Нуристонӣ, тақрибан баъд аз чанд соат тайи як конфронси хабарӣ эълон кард, ки дар интихобот беш аз 7,5 млн кас иштирок намудааст.

Ин рақам бисёри нозиронро ба тааҷҷуб овард, зеро ба мушоҳидаи онҳо дар даври дуюми интихобот ширкати мардум назар ба даври аввал камтар буд. Ин тасвирро дар маҳаллҳои интихоботӣ рӯзноманигорони дохилӣ ва хориҷӣ ҳам мушоҳида ва гузориш дода буданд. Ба ақидаи

нозирон ва тими интихоботии Абдулло Абдулло дар даври дувум тақрибан 5- 5,5 млн нафар дар интихобот иштирок карданд.

Аввалин маълумотҳо, ки дар бораи натиҷаи интихобот ба марказ расиданд, маълум шуд дар баъзе вилоятҳо ба мисли Пактиё, Пактико, Хуст, Кунар, Вардак ва ғайра теъдоди шахсони овоздода аз теъдоди аҳолии синни интихоботӣ зиёдтар аст.

Масалан танҳо дар се вилояти ҷанубу шарқӣ: Пактиё, Пактико ва Хуст ба тарафдории Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай беш аз 1054150 нафар овоз додааст. Ин дар ҳоле буд, ки дар даври аввал теъдоди иштирокчиён дар ин се вилоят 547396 нафар буд [2].

А. Абдулло инро «тақаллуби густурдаи созмонддодашуда» номид ва аз КМИ талаб кард, ки фаъолияти раиси дабирхонаи КМИ З. Амирхелро ба таълиқ дарорад, фавран шумориши овозҳоро мутаваққиф ва иштироки беш аз 7 миллионнафариро бо санадҳо исбот намояд. 22 июл тими А.Абдулло ба нашри наворҳои савтӣ ва видеоӣ оғоз кард, ки аз даст доштани кормандони КМИ ва махсусан раиси Дабирхонаи он З. Амирхел дар тақаллуби натиҷаҳои интихобот дарак медод. Волии вилояти Балх ва яке аз ҳомиёни доктор А. Абдулло дар суҳбат бо намонядаи СММ дар Афғонистон Ян Кубиш изҳор кард, ки дигар иҷозат нахоҳад дод то касе ё дастае бо сарнавишти мардум бозӣ кунад [9].

7 июли соли 2014, бо вуҷуди эътирозоти тими А. Абдулло, натиҷаҳои ибтидоии даври дувум аз тарафи КМИ эълон шуданд, ки Ашраф Ғанӣ 56,44% ва Абдулла Абдулла – 43,56% овозҳоро гирифтанд. Ҳамчунон эълон гардид, ки дар интихоботи даври дувум беш аз 8,1 млн нафар интихобкунандагон иштирок намудаанд. Ин рақам назар ба рақами дар ибтидо эълон шуда хеле зиёд буд. Аз ин теъдод мардон - 62 % ва занон – 38%- ро ташкил мекарданд [2].

Ин иттифоқ норозигии қишрҳои гуногунро, ки ба А. Абдулло овоз дода буданд барангехт ва боиси сар задани буҳрони амиқ дар ҷомеа гардид. Бозшумории баргаҳои интихоботӣ ҳам натиҷа надод, зеро тақаллуб дар интихобот бисёр густурда буд. Ниҳоят бо миёнҷигарии котиби давлатии ИМА Ҷ. Керӣ ва намояндаи СММ дар Афғонистон Я. Кубиш байни ду тими интихоботӣ дар бораи ташкили Ҳукумати ваҳдати миллӣ созишнома ба имзо расид. Бидуни эълони натиҷаи интихобот А. Ғанӣ президент ва А. Абдулло Раиси иҷроия (нахуствазир) эълон гардиданд ва қарор шуд, ки ҳайати ҳукумат аз намояндагони ду тими интихоботӣ баробар ташкил шавад.

Ҳамин тавр, интихоботи раёсати ҷумҳурии Афғонистон бо вуҷуди нигарониҳои мардум ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аз мавҷудияти тақаллуб ва мушкилоти инихоботӣ доир гардид. Мардум ба таври бемисл дар он бо шурӯ шавқ иштирок намуданд, аммо натиҷаи он аз тарафи гурӯҳҳои манфиатдор ба тақаллуб кашонида шуд, ки боиси муташанниҷ гардидани авзоъ ва боло рафтани нифоқи миллӣ ва беэътимодӣ дар ҷомеа шуд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. *Искандаров Қ. Интихоботи президентии соли 2014 дар Афғонистон: умедҳо ва мушкилот // Идоракунии давлатӣ.- №1-2 (21-22). -январ-июни соли 2014. -С.104-123.*
2. *Комиссияи мустақили интихоботи Афгонистон // www.iec.org.af.*
3. *Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон//Аз Амонулло то Карзай. Аз соли 1303 ҳ.ш. то 1382 ҳ.ш. Назариёт ва баррасиҳо. Қавонини Афғонистон ва бархе қавонин ва мисоқҳои ҷаҳонӣ. - Кобул, 2008. – С.542-576.*
4. *Мужда Ваҳид. Тими «Таҳавввул ва тадовум» чигуна баранда шуд?//www. ariaye.org.30.06.2014.*
5. *Рангин Додфар Спанто. Сиёсати Афғонистон: ривояте аз дарун. Ҷилди 2. Кобул, 2017.- 980 с.*
6. *Ташкили вазоиф ва салоҳиятҳои Комиссияи мустақили интихобот////www.iec.org.af.*
7. *Фармондеҳи пулиси Кобул: ҷурми Зиёулҳақ Амирхел мустанад аст//// www.ariaye.com. 16.06.2014.*
8. *Шариатпаноҳӣ Сайид Абулфзл Қозӣ . Ҳуқуқи асосӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ. – Теҳрон, 2004.- 180 с.*
9. *Гузиниш 93.-2014.-2.июл.*

## ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В ГБАО В КОНЦЕ XX-НАЧАЛЕ XXI ВВ.

***АБДУРАМОНОВА Подшохоним Давлатамоновна,*** *аспирант кафедры общей истории, факультета истории и права Хорогского Государственного университета, (Таджикистан, Хорог)*

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ВМКБ-И ОХИРИ АСРИ XX ВА АВВАЛИ АСРИ XXI

***АБДУРАМОНОВА Подшохоним Давлатамоновна,*** *аспиранти кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хорог, (Тоҷикистон, Хорог)*

## HISTORY OF CREATION AND DEVELOPMENT OF TOURISM IN GBAO AT THE END OF XX - BEGINNING OF THE XXI CENTURY

***ABDURAMONOVA Podshokhonim Davlatamonovna,*** *applicant of the Tajik University of Khorog, (Tajikistan, Khorog),*
***E-MAIL:*** *podshokhonim91@mail. ru.*

***Ключевые слова:*** *ГБАО, туризм, советский период, туристические фирмы, туристическая инфраструктура, ПЕКТА, санаторий, гостевые дома (хомстей), проблемы туризма.*

*Статья раскрывает историю становления отрасли туризма в ГБАО РТ в конце XX и начале XXI вв. Автор поэтапно раскрывает, что первая туристическая структура – республиканский Совет по туризму и экскурсиям была создана только в 1960 году под эгидой профсоюзов. Памирский филиал вышеназванного совета - “Бюро путешествий и экскурсий” открылся 1 июля 1984 года. В 1992 году появилась первая частная туристическая фирма - “Памир Силк Тревел”, организующая горно-спортивные, этнографические, историко-познавательные и экологические туры по Памиру. ГБАО медленно, но уверенно вступает в туристический бизнес. В области постепенно начинает формироваться туристическая инфраструктура. Памирская экологическая и культурная туристическая ассоциация (ПЕКТА) объединяет уже 12 зарегистрированных туристических операторов. Если десять лет тому назад на Памире была только одна гостиница, то теперь их 24. А туристических фирм уже около двадцати. Постоянно действуют 3 санатория, более 50 гостевых домов и различного рода объектов общественного питания, что конечно, все еще мало, но отрадно.*

***Калидвожаҳо:*** *Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, туризм, давраи шӯравӣ, ширкатҳои туристӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, АЭФСП, шифохонаҳо, меҳмонхонаҳо, мушкилоти сайёҳӣ.*

